**Ба номи Худои Бахшояндаи Меҳрубон**

# ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ - I
# ОФАРИНИШИ ДУНЁ

**Худованд дар ҳақиқат ба ҳама чиз қодиру тавоност!**

Худованди муттаъол хост заминро биофарад, то дар он зиндагӣ кунем ва аз неъматҳояш баҳра барем. ***Ба дурустӣ, Парвардигори шумо Он Худой аст, ки осмонҳову заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш мустақар шуд.*** (Сураи Аъроф, ояти 54).

Пас офарид замину осмонро ва баъдан халқ кард малоикро, ки бо ихлоси том Худоро мепарастанд ва ситоиш мекунанд. Оё медонӣ, ки Худованд чӣ гуна мо ва нахустин Инсонро офарид?

## ХОСТИ ХУДО

Баъди ин, ки Худованд малоикро офарид, хост одам ва насли ӯро биофарад, то рӯи замин иқомат намоянду дар гӯшаю канори он паҳн шуда, ин дунёи бузургро обод гардонанд, аз неъматҳояш ғизо бигиранд, сарватҳои бои онро кашфу истифода кунанд.

Эй дӯстони хурдакакам! Оё медонед, ки Одам алайҳиссаломро Худованд аз чӣ офарид? Ва ҳангоми офаридани ӯ чӣ рӯх дод? Биёед, бо ҳам идомаи ин навиштаро бихонем ва бузургии Худованди офарандаю тавоноро дарк намоем.

## ОФАРИНИШИ ОДАМ (ДУРУД БАР Ӯ)

Худованд малоикро хабар дод, касеро меофарад, ки дар замин зиндагӣ кардаву онро обод мекунад. Онҳо бо тааҷҷуб пурсиданд: Оё касеро меофарӣ, ки дар Замин харобкорӣ кунад ва хунҳо бирезад? Худованд ҷавоб дод: Дар ҳақиқат чизеро, ки ман медонам, шумо аз он бехабаред. Худованд малоикро хабар дод аз ин, ки ӯ чизеро мехоҳад, меофарад. Ва малоик махлуқи навро хоҳанд дид. Пас аз он Худованд Одамро аз хок офарид.

Баъдан аз рӯҳи худаш ба Одам бахшид ва бо хоҳиши Худованд Одам ба ҳаракат даромада, ҳама чизро мефаҳмиду дарк мекард. Нишонаҳои ҳаёт дар ӯ ҳувайдо буданд. Ӯ аввалин инсон буд, ки офарида шуда ва Худованд аз ин малоикро хабар дод.

## ТАЪЛИМИ НОМҲО

Баъди офарида шудани Одам ақлу идрокаш қобили амал шуд. Сипас Худованди бузург номи тамоми мавҷудотро ба Одам ёд дод. Баъд аз он аз малоик талаб намуд, ки дар назди Одам номи тамоми мавҷудотро номбар намояд. Аммо малоик қодир бар он набуданд ва ҳайрат доштанд, чун Одам номи тамоми мавҷудотро медонист. Онҳо яқин донистанд, ки Худованд донотар аз онҳост ва он чизеро, ки мехоҳад, офарида метавонад.

## ФАРМОИШИ САҶДА КАРДАН БА ОДАМ

Худованди бузург ба малоик чунин ҷавоб дод: Оё нагуфтам ба шумо, ки ғайбҳои Осмону заминро медонам ва онҷиро, ки ошкор мекунед ва онҷиро, ки пинҳон медоред, онро низ медонам.

Сипас малоикро фармуд, то Одамро саҷда кунанд. Малоик Одамро саҷда карданд ва иқрор буданд, ки Худованд Одамро мартаба ва фазилатҳои зиёде бахшидааст. Ин саҷдаҳо итоати малоик ба қудрат ва халоқияти Худованд буд.

Аммо он ҷо махлуқи дигаре бо номи Иблис ҳозир буд. Ӯро ҳам Худованд амр кард, то ба Одам саҷда кунад. Аммо ӯ аз амри Худованд сар печид, мартабаи худро болотар аз Одам донист. Барои саркашӣ тавба накард ва аз ҷумлаи кофирон шуд. Иблис иллати ба Одам (с) саҷда накардани худро шарҳ дод. Пас, биёед он сабабҳоро бо ҳам бубинем.

## ЧАРО ИБЛИС САҶДА НАКАРД?

Худованди муттаъол Иблисро гуфт; Чӣ шуд туро ки ба Одам саҷда накардӣ? Иблис дар ҷавоб гуфт, ки АЗ ОДАМ ВОЛОЮ БЕҲТАР АСТ, ЧУНКИ Ӯ АЗ ХОК ОФАРИДА ШУДААСТ ВА МАН АЗ ОТАШ. Иблис бовар дошт, бо ин фарқият метавонад мартабаи худро аз Одам боло бигзорад. Пас чӣ гуна метавонад Одамро саҷда намояд? Ва саркашии худро ошкор сохт. Бо ин амал Иблис гирифтори ҷазою азоб гашт.

## РОҲИ ИБЛИС

Худованд Иблисро барои мухолифат ҷазо дода аз биҳишт ронд ва лаънаташ кард. Огоҳаш сохт, ки фардои қиёмат ҷояш дӯзах хохад буд. Иблис аз Худованд хоҳиш намуд, ки то рӯзи қиёмат умраш дароз созад. Худованд ӯро иҷозат дод, то рӯзи қиёмат умр ба сар барад.

Чун хоҳиши Иблис иҷро шуд ӯ роҳи бадеро пеш гирифт. Фиреб ва ба роҳи бад бурдани башарро (Одам ва авлоди онро) пешаи худ қарор дод. Худованди муттаъол Иблисро огоҳ намуд, ки чӣ қадаре саркашӣ ва вайронкорӣ кунад, наметавонад мӯъминони асил ва хубро аз роҳи рост барорад.

## ОДАМ ДАР БИҲИШТ

Баъди он ки Худованд Иблисро аз даргоҳи раҳматаш ронд, барои Одам завҷа офарид. Сипас Одаму завҷаашро дар биҳишт ҷой дод ва аз макру фиреби Иблис ононро огоҳ кард. Фармуд, ки Иблис душмани ошкори онҳост.

Худованд дар биҳишт ба Одаму завҷааш ҳама чизро иҷозат дод, то бихӯранду бинӯшанд ва зиндагӣ кунанд, аммо хӯрдани меваи якдарахтеро бар онон манъ карда буд. Худованд бар онон ваъда дода буд, ки агар ба амри холиқи хеш итоат карда аз ҳамон дарахт нахӯранд, дар биҳишт дур аз гуруснагӣ, ташнагӣ ва азобу машаққат зиндагӣ карда он ҷо хоҳанд монд.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-II
## ВАСВАСАИ ШАЙТОН

**Одам бо завҷааш дар биҳишт шоду хуррам зиндагӣ доштанд. Аммо Иблис ғам дошт, зеро ӯро аз биҳишт Худованд ронда буд.**

Баъдан Иблис ба фиреби онҳо шурӯъ кард, то аз меваи барояшон Худованд манъкарда бихӯранд. Иблис бо макру ҳилла бар Одам ва Ҳаво талқин мекард, то аз меваи дарахт бихӯранд. ӯ мегуфт, ман аз бадхоҳон нестам, балки некхоҳам. Иблис тамоми ҳиллаю найранг ба кор бурд, то Одаму Ҳаво аз меваи дарахти манъшуда бихӯранд ва бо ин гуноҳашон аз биҳишт ронда шаванд. Ин ҳама ҳиллаву васвасаи Иблис аз ҳасад буд, зеро ӯ худ аз биҳишт ронда шуда буд.

## ХӮРДАН АЗ ДАРАХТ

Иблис ҳиллаю найранги зиёде кард ва билохира Одаму завҷаашро ба доми фиреби худ афтонд. Одаму Ҳаво аз меваи ҳамон дарахте, ки Худованд манъашон карда буд, хӯрданд. Бо ин амал онҳо амри Худованди муттаъолро то ба охир ба ҷо наоварданд. Ҳамчуноне ки Худованд ваъда дода буд, нисбати ин амалашон онҳо аз биҳишт ронда шуданд.

Худованд бароишон гуфт: "Оё Шуморо манъ накардам аз хӯрдани меваи ҳамин дарахт ва нагуфтам, ки агар бихӯред аз биҳишт ронда хоҳед шуд? Дар ҳақиқат шайтон бароятон душмани ошкор аст". Одам ва завҷааш фаҳмиданд, ки амали носазое ба ҷо овардаанд.

## ПУШАЙМОНӢ ВА ТАВБА

Одаму Ҳаво аз рафтори худ пушаймон буданд ва гуфтанд; «Парвардигоро, мо бо худ ситам кардем ва агар набахшоӣ ва тарраҳум нанамоӣ, аз ҷумлаи зиёнкоронем. Худованд, ки тавбапазиру меҳрубон аст, хатои Одаму Ҳаворо бахшид. Ва Одаму Ҳаво аз Худованд хостанд, то онҳоро дар биҳишт боқӣ гузорад. Аммо Худованд ба онҳо гуфт: "Фуруд оед аз биҳишт".

Худованд ба Одаму Ҳаво фармуд, ки ҳар касе, дар тавбаи худ пойдор монад, барояш дари ҷаннат боз аст ва тавба бишкастагонро рӯзи қиёмат ҷаҳаннам ҷояш хоҳад гашт. Аллоҳ таъоло Одаму Ҳаворо панд дод, ки Иблис барои ҳамеша душмани Шумост. Аммо шуморо зиён расонида наметавонад, ба шарте ки имон биёреду солиҳон бошед. Билохира Одаму Ҳаво аз биҳишт ба замин фуруд меоянд ва суханони парвардигор, ки ба малоик гуфта буд: "Дар ҳақиқат он чиро ман медонам, шумо намедонед", собит гашт.

## ҚОБИЛ ВА ҲОБИЛ

Баъди он ки Одам ва Ҳаво ба замин фурӯд омаданд, хостанд фарзанддор шаванду аз неъматҳо ва ризқу рӯзии додаи Худованд баҳра бигиранд. Барои ободонии ҷои худ кӯшиш намоянд. Бо розигии Худованд модар ҳомила шуд ва бори аввал ду фарзанд таваллуд кард: Яке Қобил ва дигаре хоҳари Қобил. Дар маротибаи дуввум Ҳобил ва хохараш ба дунё омаданд. Ҳамин тариқ Одаму Ҳаво соҳиби фарзанд шуданд ва шукронаи Худованд ба ҷо меоварданд. Онҳо фарзандони худро дӯст медоштанд ва меҳрубонӣ мекарданд.

## КӮШИШ БА КОР

Кӯдакон бо меҳру муҳаббати модарӣ ва падарӣ тарбия меёфтанд. Чун ба синну соли ҷавонӣ расиданд, барояшон маълум гашт, ки зиндагӣ ба кор ва кӯшишу ғайрат эҳтиёҷ дорад. Бародарон Қобилу Ҳобилро зарур буд, ки барои соҳиби ризқу рузӣ ва некбахт шудан бояд худ ҷадал намоянд. Қобил дид, ки дар замин кор кардан ва ҳосил гирифтан мумкин аст, бинобар ин зироаткориро пешаи худ кард.

Ҳобил дарёфт, ки Худованди муттаъол неъматҳои зиёде барои инсон офаридааст, аз ҷумла чаҳорпоёнро. Ва хост, ки нигаҳбони чаҳорпоён бошад. Бо ҳамин тариқ Ҳобил чӯпониро пеша кард. Бародарон аз маҳсули дастони худашон мехӯрданд ва зиндагӣ мекарданд.

## ОДАМ БО ДУ ФАРЗАНДАШ

Онҳо бо шодмонию некбахтӣ зиндагӣ доштанд ва Қобилу Ҳобил ба воя расиданд ва хостанд ҳардуяшон соҳиби зан шаванд. Худованд низ падарро барои ин кор ҳидоят намуд. Падар хост ба Қобил хоҳари Ҳобилро ба занӣ диҳаду хоҳари Қобилро ба Ҳобил, то ки масъала ҳал шавад. Чунки роҳи дигари ҳалли ин мушкилот дар ибтидои офариниши Одам вуҷуд надошт. Баъдан ин кор ҳаром ва номумкин ҳисобида шуд. Одам ин нияти худро ба фарзандаш хабар дод. Оё ин ният амалӣ гашт? Он чӣ Одам мехост он шуд?

## ИНҚИЛОБИ ҚОБИЛ

Бале! Нияти падар, ки оиладор кардани фарзандон буд, амалӣ нашуд. Духтареро, ки Ҳобил бояд ба занӣ мегирифт, аз духтари дуввумин зеботар буд. Қобил бошад, хоҳиши ба занӣ гирифтани дигариро надошт, ҷуз ҳамин духтари зебо ва бар хилофи хоҳиши падар. Ҳусну ҷамол ва зебоӣ сабаб гашту Қобил мухолифи тақсимоти падар баромад ва аз издивоҷ бо хоҳари Ҳобил рӯ гардонд. Ихтилоф байни ду бародар сахт шуд ва аз ин падар дар тарсу ҳарос монд. Падар метарсид аз он, ки ихтилоф ба ҷое нарасад, то Худованд дӯст надорад ва ин табъан ба фоидаи оилаи некбахт наанҷомад.

## ҲАЛЛИ МУШКИЛОТ

Рӯзҳо мегузаштанд. Одам ҳалли ин мушкилотро намедонист, то ин ки Худованди муттаъол ӯро раҳнамоӣ кард ба сӯи ҳалли одилонаи байни ду бародари мухолиф. Илҳоми Илоҳӣ ин буд: Ҳар ду бародарон бояд ба даргоҳи Илоҳӣ қурбоние бахшанд. Қурбонии касе аз ҷониби Худованд қабул гардад, метавонад ӯ духтари хостаашро ба занӣ гирад. Ҳамин тавр Қобил аз зироатҳояш гандум ва Ҳобил беҳтарин чорпоро барои қурбонӣ пешниход намуданд.

## НАТИҶА

Бародарон мунтазири натиҷа буданд ва аз Худованд мехостанд, то қурбонии онҳоро қабул намояд. Ҳар кадом мехост ғолиб бошад. Қурбонии Ҳобилро Худованд қабул намуд Чунки ӯ хубкор ва парҳезгор буд. Қурбонии Қобилро бошад Худованд қабул накард, чунки ӯ холисона набуд ва гуфтаи падарашро итоат накард. Бо ҳамин аз бародараш ҷудогӣ меҷӯст ва ҳамаи ин амалаш сабаб гаштанд, ки қурбонии ӯ аз ҷониби Худованд қабул нагардад.

## НИЯТИ БАД

Баъди аз ҷониби Худованд қабул шудани қурбонии Ҳобил, Қобил, ки дилаш пур аз кинаву адоват ва ҳасад буд, нияти баде кард. Қобил коре карда наметавонист, магар ки сӯи бародараш рафт ва бо овози баланд гуфт:

«Ҳатман туро мекушам».

Дар ҳақиқат ӯ мехост бародарашро, ки орзуҳояш амалӣ шудаанду некбахт аст, бикушад ва таҷовуз ба қасди ҷони касе кунад, ки Худованд ӯро бештар дӯст медорад.

Бо ҳамин нияти куштани бародари худ Қобил рӯзҳоро мегузаронд. Оё дар ҳақиқат ӯ бародари худро мекушад? Ҷавоби Ҳобил чист вақте, ки аз нияти бади бародараш огоҳ гашт?

## ҶАВОБИ ҲОБИЛ

Ҳобил аз нияти бади бародараш Қобил огоҳ шуд ва фаҳмид, ки ӯ эҳтиёҷ ба насиҳат ва ҷонфидоӣ дорад. Вақте Ҳобил бо бародараш вохурд ӯ хеле хашмолуд буд ва аз натиҷаи қурбонии худ ҳасрат мехӯрд ва дилаш пора - пора мегашт.

Ҳобил ба бародараш бо меҳрубонӣ гуфт: Эй бародар! Аз куштани ман ту некбахт намешавӣ ва аз ин амалат чизе фоида намебинӣ. Сабабгори бадбахтӣ ва ҳасрати ту ман нестам. Балки худат сабабгори бадбахтии худат ҳастӣ.

Дар ҳақиқат ту медонӣ, ки Худованд қабул надорад чизеро магар аз парҳезкорони накукор. Ту бошӣ итоати Худованд накардӣ, сухан, насиҳату раҳнамоии падарро қабул надоштӣ. Ман ҳаргиз куштани туро қасд надорам. Ҳарчанд аз ту бақувваттар ҳастам, чунки ман фитна ва фиреби шайтонро қабул надорам. Ҳамин тавр Ҳобил бародарашро насиҳат мекард то, ки ӯро аз ин нияти бад боз гардонад.

## МАСИРИ ҲОБИЛ

Насиҳати Ҳобил бародарашро фоидае набахшид ва таъсире ҳам нарасонд. Худованд байни ду бародар ҳукм кард. Қобил саркашӣ намуда Худовандро итоат накард, бо бародари худ кина гирифт, Падарашон барои ба некӣ ҳал шудани ин масъала он чӣ метавонист анҷом дод. Қобил падарро низ итоат накард.

Ҳобил ҳамоно бародарашро насиҳат мекард, аммо баръакс кинаю адовати бародараш бештар мегашт. Кинаю нафрати ӯ ба дараҷае боло гирифт, ки ба куштани бародараш Ҳобил иқдом намуд. Зарбаи сахти Қобил Ҳобилро ба замин афтонд. ӯ дигар ҳаракат намекард. Ҳобил мурда буд. Қобил нияти бадро, ки ба нисбати бародараш дар дил дошт, амалӣ намуд. ӯ ҷурму гуноҳи қабеҳҳеро ба хотири ҳусну ҷамол ва зебоие, ки фаношавандааст содир намуд. Во ҳасрато!

## ҚУРБОНШУДАИ ПОК

Одам (с) фаҳмид, ки писараш Қобил нияти шуме, ки дошт онро амалӣ кардааст. Ва медид, ки ҷасади поки Ҳобил беҳаракат рӯи замин хобидааст. Ҳобил дар ҳақиқат мурда буд (аввалин шаҳид дар рӯи замин). Бародарӣ натавонист садди роҳи куштор гардад. Ҳобил натавонист бародари худро бикушад. Бо насиҳат мехост бародарро аз қасди бад баргардонад, Бо ин қурбонӣ Ҳобил мехост ба дигарон роҳи ҳақиқат ва дурустро нишон диҳад.

Кушташуда марде буд, ки Худованд ба ӯ ақли расо, ҷисми солимро раво дошт. Падару модар аз ӯ розӣ буданд. Худоро дӯст медошт ва кулли амалаш ибрати дигарон ҳисоб меёфт.

## ҲОДИСАИ АВВАЛИН

Ҳамин тариқ ҷиноят рӯй дод ва ҳодисаи қатл содир гардид. Падари мискин аз вафоти фарзандаш, ки бародари кинаварзу саркашро ба роҳи нек хидоят менамуд, сахт андӯҳгин буд. Ҳамин ҳодисаи нахустинро Худованд хост ҳамчун аввалин дарси ибрат барои башар нигаҳ дорад. Ва ҳамчунин башар бояд бидонад ва огоҳ бошад, ки қабул намекунад Худованд чизеро магар аз Худотарсон ва парҳезгорон. Ва боз инсон бидонад, ки ӯ ҷоҳилонро бояд бе талаби кӯмак ва музде насиҳат кунад, зеро одам ба ин кор масъул аст.

Инсонро лозим аст дар муқобили таҳдиду зуровариҳои дигарон истодагарӣ намояд ва бо сабру тамкин бошад. Во аҷабо! Чӣ рӯй дод баъди ин куштор? Чӣ бошад ҳукми Худованд, ки он аз қотил пинҳон аст?

## ХУДОВАНД ЗОТЕРО МЕФИРИСТАД

Қобил намедонист бо ҷасади бародараш чӣ кор кунад ва чӣ тавр аз вай халос шавад. Ҷасадро дар халта гирифта ҳайрону сарсон мегашт. Худованд хост ин ҷасади покро нигоҳ дорад.

Пас Худованд (барои нишон додани Қобил (мутарҷим) зотеро фиристод, ки ҷасади зоғи дигареро бо худ дошт. Зоғ ҷасади ҳамҷинсашро рӯи замин гузошт, сипас заминро бо нӯлаш канд ва онро дафн кард. Ҳамаи ин дар пеши назари Қобил ба ҷо оварда шуд. Қобил бештар пушаймон буд ва ҳасрат мехӯрд. Зоғ магар аз ӯ зиёдтар медонад?!

Бо овози гирифтаю ларзон ва дили пуризтироб такрор мекард: **«Во ҳасрато оҷизам аз ин ки бошам мисли ҳамин зоғ».**

## ВА ҲОЗИР

Биёед, дӯстони ман, дар охир ҳамин қиссаро бо зеботарин услуб ва шевотарин калом бихонем. Биёед, ба ҷониби Қуръони Карим. Барои мо бо калимаҳои ҳамидааш ҳикоят мекунад.

## АЪУЗУ БИЛЛАҲИ МИНАШШАЙТОНИР РАҶИМ

**Ва бихон бар қавми худ хабари ду писари одамро ба ростӣ чун ниёзи хақ карданд. Қурбонӣ пас қабул карда шуд аз яке ва қабул карда нашуд аз дигар, гуфт Қобил албатта бикушам туро, Ҳобил гуфт ҷуз ин нест, ки Худо қабул мекунад аз муттақиён (27).**

**Агар дароз куни ба сӯи ман дасти худро то бикушӣ маро, ман ҳаргиз дароз накунам ба сӯи ту дасти худро то бикушам туро ҳар оина ман метарсам аз Худо парвардигори оламиҳо (28).**

**Ҳар оина ман мехоҳам, ки бибарӣ гуноҳи маро ва гуноҳи худро пас бошӣ аз аҳли дӯзах ва ин ҷазои ситамгарон (29).**

**Пас нафси ӯ саҳл сохт дар назари ӯ куштани бародарашро то пас бикушт ӯро, пас шуд аз ҷумлаи зиёнкорон (30).**

**Пас фиристод Худо зоғеро, ки мешикофт замин то бинамоядаш чӣ гуна бипӯшад ҷусаи бародари худро. Гуфт, эй вой бар ман! Оё оҷиз шудам аз он, ки бошам монанди ин зоғ, пас бипӯшонид ҷусаи бародари худро пас гардид аз ҷумлаи пушаймон шудагон (31).**

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-III
## ҚИССАИ ҲАЗРАТИ НУҲ (А)
## ПАРАСТИШИ БУТҲО

**Аз байн замоне гузашту дар рӯи замин теъдоди одамон афзуд. Мардум аз парастиш ва ибодати Худованди якто дур шуданд ва фаромӯш карданд, ки Оллоҳ Таъоло Парвардигор ва лоиқи парастиш аст. Аз ҷумлаи ҳамин мардум қ;авме буд, ки куфру гумроҳияшон зиёд шуд. Онҳо бут ва ҳайкалро монанди сурати номдороне, ки мурда буданд, месохтанд ва парастиш мекарданд, хайру сахо талаб менамуданд... Ва аз бадиҳо ба онҳо паноҳ, мебурданд.**

Ин худоҳоро номҳои зиёде монда буданд. Гоҳе онҳоро бо номи (вуддаа), (сувоъа) ва (ягус) нидо мекарданду гоҳо бо исми (яъук), (наср). Мувофиқи мизоҷҳояшон ва нодониашон ба ҳар роҳи хато, ки мехостанд, бе ягон фикру андеша ва бе кор фармудани ақл, ки Худованди ягона барояшон ато намудааст, мерафтанд.

## РАҲМАТИ ХУДО

Эй бародарони паҳлавонам, дар ҳақиқат Худованд аз ҷумлаи бандагонаш касеро фаромӯш намекунад. Аз ҷумла раҳмат ва меҳрубонии Худованд он аст, ки ба мардум пайғамбаронро мефиристад, то роҳи Ислом ва ҳақиқатро ба онҳо бифаҳмонад. Замоне мардум бут ва ҳайкалҳоеро, ки Худо меномиданд парастиш

доштанду Худованди якторо ибодат намекарданд, бо раҳмату меҳрубонӣ Худованд аз байни худашон барои онҳо паёмбаре интихоб намуд.

Он марде, ки Худованд барои раҳнамоии ин мардуми нодону ҷоҳил интихоб кард, кист? Кист он марди ҷонфидо, ки мардуми нодон ва парастандаи ҳайкалҳои сангинеро, ки фоида намеоранд, намебинанд ва намешунаванд, раҳнамоӣ кунад? Кунун мебинем, ки он инсон кист?

## НАБӢ КИСТ?

Эй дӯстони хурдакаки ман. Он мардест аз худи ҳамин қавм, ки номаш Нуҳ мебошад. ӯ дар байни онҳо бо ақлу зеҳни хубу равшан ва рафтори некӯяш фикр мекард. Ин марди бо ақлу идрок фаҳмид, ки бут ва ҳайкалҳои сангин наметавонанд, дуоҳои моро бишнаванд, инчунин зараре ё бадиеро аз мо дур карда наметавонанд. Чӣ гуна сангҳоеро, ки бо дасти худ месозем парастиш кунем? Ин гумроҳӣ ва девонагист.

## ДАЪВАТИ Ӯ ЧӢ БУД

Агар ман Шуморо бипурсам: Барои чӣ мехост мардумро даъват кунад? Ба сӯи чӣ онҳоро даъват мекард? Дар ҳақиқат мефаҳмед Шумо ин, ки Нуҳ набӣ ва паёмбар аст. Мардумро ба сӯи Ҳақ даъват мекард, чунки Худованд ӯро барои ҳамин ба назди мардум фиристод, то ки онҳоро аз торикӣ ба равшанӣ ва аз куфру нодонӣ ба сӯи имону боварӣ раҳнамоӣ кунад. ӯ мардумро ба сӯи он чизе, ки худаш боварӣ дорад, даъват мекунад ва вазифае, ки бо хоҳиши Худо бар дӯш дорад, ба мардум мерасонад.

Яъне мардумро даъват мекунад, ки парастиши бут ва сангҳоро тарк кунанд, куфру гумроҳиро як тараф гузоранду Худованди ягонаро парастиш ва ибодат намоянд. Пас, ӯст, ки осмону заминро офарид ва моро халқ кард, то ӯро ибодат ва парастиш бикунем. Ба ӯ касе ва ё чизеро муқобил нагзорем ва худоҳои дигар ихтироъ накунем.

## ЧӢ ГУНА ДАЪВАТ МЕКАРД?

Ҳамин хел Нуҳ алайҳиссалом мардумашро даъват мекард, бо ҳамон забоне, ки онҳо ҳарф мезаданд сӯҳбат мекард ва барояшон мегуфт: Эй мардум, Худоро парастиш кунед, барои Шумо Худое ҷуз Аллоҳи ягона нест. Эй мардум, парастиши бутҳоро тарк кунед. Агар Шумо бузургон ва некони гузаштаи худро, ки дар байни Шумо буданд дӯст медоред онҳоро ба сурати ҳайкал парастиш накунед.

Пас бо роҳи дурусте, ки онҳо мерафтанд бираведва танҳо Худои якторо бипарастед. Онҳоро бо забон ва шевои фасеҳу мафҳум, ботамкин ва каломи латиф даъват мекард. Бо онҳо ҷангу ҷидол ва дуруштӣ намекард, балки бо маъвизаҳои ҳасана, панду ҳикмат даъвати Исломро мерасонид. Аз ҷумла суханҳое ба ин тариќ ба онҳо мегуфт: Эй мардум! Дар ҳақиқат касе, ки ба Худои ягона имон намеорад, рӯзи ҳисоб (рӯзи қиёмат) Худованд ӯро азоб мекунад ва агар касе парастиши Худои ягонаро бикунад Аллоҳ таъоло ӯро дохили ҷаннат мегардонад. Пас эй мардум, биёед ба сӯи боварию имон ва ҷаннат!

## ҶАВОБИ ҚАВМИ НУҲ

Локин ҷавоби кофирони қавми Нуҳ чӣ буд? Онҳо ба Нуҳ мегуфтанд: Барои чӣ танҳо як Худоро парастем ва яктопараст бошем? Рӯзи ҳисоб чист? Ту ҳам мисли одамӣ, агар Худо мехост барои мо паёмбаре фиристад, аз ҷумлаи малоикаҳояш мефиристод.

Нуҳ даъвати худашро давом медод ва мегуфт: Худованд танҳо зотест сазовори парастиш, ӯ моро офаридааст ва ризқу рӯзи додааст. ӯ зотест, ки моро мемиронад (ҷонҳои моро мегирад). Пас дубора зинда мегардонад, то ки дар рӯзи ҳисоб моро муҳосаба намояд, сипас мӯъминро ба сӯи ҷаннат ва кофиру нобоварро ба сӯи дӯзах мебарад. Ҳеҷ, аҷибе нест дар ин, ки паёмбар мисли шумо инсон аст. Чӣ ҳарфҳои ҷолибе буданд, ки Нуҳ шабу рӯз қавмашро ба мисли ҳамин суханҳо даъват мекард. Локин қавми Нуҳ барои бовар накарданашон ҳуҷҷати дигареро ихтироъ карданд. Аҷабо он ҳуҷҷат чӣ бошад?

## УЗРИ ҚАБЕҲ

Каме аз камбағалу ғуломон ба ӯ бовар карданд ва имон оварданд. Пас кофирон ба Нуҳ гуфтанд: Нигоҳ кун эй Нуҳ! Касоне, ки ҳамроҳи ту имон оварданд ва бовар карданд кистанд? Камбағалон ва ғуломон

ва мардуми камбизоат ҳастанд, молу сарват надоранд. Агар мехоҳӣ мо ба дини наве, ки ту моро даъват мекунӣ дохил шавем ва бовар кунем, аввалан ин мардуми камбағалро аз атрофат дур кун. Агар онҳо мисли мардуми сарватманду бой молу мулк ва ақли солиму расо медоштанд, албатта аз Ислом дур мешуданд. Агар он дине, ки моро сӯяш даъват мекунӣ хуб мебуд, мо сарватмандон ва соҳибони молу мулк пештар аз камбағалон даъвати туро қабул мекардем.

## ДАЪВАТИ МАН БАРОИ ҲАМА АСТ

Баъди ин, ки кофирон ва нобоварон узру далелҳои худро, ки ба ҷаҳолату нодонӣ ва торикфаҳмии онҳо далолат мекард, карданд пешвоямон Нуҳ оҷизона бекор нанишаст, балки бо панду насиҳат онҳоро ба роҳи рост ҳидоят мехост:

Эй мардум, даъвати ман барои сарватманд ва ғайри сарватмандон, тамоми мардум мебошад ва барои ҳар яке аз шумо. Чӣ тавр касонеро, ки ба Аллоҳи ягона бовар карданду имон оварданд ва аз парастиши бутҳо рӯ гардонданд, аз атрофи худ дур кунам? Эй мардум ақли худро кор фармоед, чунки ақл неъматест Худованд барои шумо додааст, то аз он истифода намоед ва имон оваред...

Охир, бубинед оё бутҳо зарар ё фоидае ба шумо мерасонанд. Оё мебинанд ва мешунаванд вақте, ки аз онҳо шумо чизе бихоҳед? Эй қавми ман парастиш накунед магар Аллоҳи ягонаро, чунки офаранда, ризқдиҳанда, қабулкунанда ва қонунгузоранда танҳо ӯст.

## НИҲОЯТИ ҶИДОЛ

Ниҳоят баҳсу ҷидол байни Нуҳ ва қавмаш шиддат гирифт ва доираи ихтилоф васеъ шуд, аз Нуҳ норозӣ ва сахтгир шуданд ва гуфтанд: **«Эй Нӯҳ бо мо ҷидол кардӣ пас болои мо биёр он чиро, ки моро метарсонӣ агар содиқу ростгӯ ҳастӣ»**. Нуҳ суханҳои онҳоро рад карда чунин гуфт:

Аблаҳию ҷаҳолати зиёде аз худ нишон додед, ман кӣ ҳастам, то болои шумо азоб ва дӯзахро биёварам? Мисли шумо инсон хастам, шуморо барои парастиши Худои ягонаи бешарик даъват менамоям. Башорату хушхабари биҳиштро медиҳам, агар ба Худои ягона бовар ва имон оваред. Ҳамаи ин дар дасти Худои ягона аст. Агар хоҳад

шуморо ҳам дар ин дунё ва ҳам дар охират барои куфр ва нобовариатон азоб медиҳад.

Дар ҳақиқат, эй бародарони ман, Худованд барои пайғамбаронаш сабру таҳаммулро ато мекунад, то бар сабукию нофаҳмии кофирон ва нобоварон собиру бурдбор ва ҳар мушкилоте, ки болояшон меояд, таҳаммул намоянд.

## ВАҲЙ

Пешвоямон Нуҳ (а) бо саброна 950 сол даъват намуд ва рисолаташро ба мардум расонд. Пас аз ин эй азизони ман, Нуҳ аз куфру нодонӣ ва саркашии қавмаш ва аз кам будани шумораи мӯъминонаш бо вуҷуди даъвати шабонарӯзию ошкору пинҳониаш шикоят намуд: Худованд ба ӯ ваҳй ва илҳом намуд ва гуфт: Дар ҳақиқат имон намеорад аз қавми ту касе, ки имон овардааст. Нуҳ аз Худованд талаб намуд, ки кофирони гунаҳкор ва бадкирдорро, ки ақлҳояшонро кор нафармуданд ва аз дунболи фоҳишоту шайтон ва бутпарастӣ шуданд, ҳалок намоед. Нуҳ гуфт: Парвардигоро, дар рӯи замин аз кофирон маконеро магузор. Дар ҳақиқат агар онҳоро гузорӣ бандагони туро гумроҳ месозанд ва таваллуд намекунанд магар кофиру бадкирдор.

## СОХТАНИ КИШТӢ

Дуъои Нуҳро Худованд қабул мекунад ва ӯро амр медиҳад то киштии бузурге бисозад… Нуҳ аз қавмаш дуртар рафт ва ба сохтани киштӣ шурӯъ намуд. Вақте, ки кофирон аз назди ӯ мегузаштанд пурсиданд: Чӣ ҳол дорӣ? То дирӯз пайғамбар будӣ ва имрӯз дуредгар ва чӯбтарош шудӣ? Киштиро барои кӣ месозӣ? Он баҳре, ки ин киштиро бардорад дар куҷост? Баҳр аз ин киштӣ хеле дур аст.

Лекин Нуҳ ба таҳқиру масхараи онҳо эътиборе намедод ва сабр менамуд то амалаш анҷом ёбад. Худованд аз Нуҳ талаб намуд то мӯъминонро дар киштӣ савор намуда, аз ҳар навъ ҳайвон як ҷуфтӣ бо худ бигирад. Чунки Худованд бар қавми ӯ туфонро мефиристад (яъне оби бисёреро то, ки онҳоро ғарқ кунад). Зеро онҳо ба Худованди якто бовар надоштанд ва даъвати пайғамбар ва расули Худоро низ қабул накарданд. Нуҳ супориш ва амри Илоҳиро иҷро намуд. Борон

боридан гирифт. Нуҳ ва мӯъминон ба киштӣ савор шуданд. Ва об киштиро бардоштан гирифт.

## ДАР БОЛОИ ОБ

Сел ва мавҷҳои об кофиронро фурӯ мебурд, онҳо ғарқ мешуданд. Нуҳ ба мардуми ғарқ мешуда аз киштии баланд нигоҳ кард ва дар байни онҳо писарашро дид ... ӯ писарашро нидо намуд: Эй писарам! Ба Худои ягона бовар кун ва имон биёр ва бо мо дар киштӣ савор шав пеш аз он, ки об туро фурӯ бараду бимирӣ ва ба дӯзах равӣ...

Писар ба сухани падар гӯш надод ва ба қуллаи кӯҳ баромадан гирифт, то ғарк нашавад. Лекин бо амри Илоҳӣ борони зиёде борид, ҳатто баландтарин қуллаҳои кӯҳ зери об монданд. Тамоми касоне, ки нобовар ва кофир буданд аз қавми Нуҳ аҳлаш ғарқ шуданд, касе аз онҳо наҷот наёфт. Онҳо аз Нуҳ ҳуҷҷат ва далел барои рост будани пайғамбариаш хоста буданд, Худованд ба онҳо туфонро фиристод, туфон онҳоро фурӯ бурд ва нобуд сохт, Худованд дуову талаби пешвоямон Нуҳ (а) -ро пазируфт.

## ДАР ҲАҚИҚАТ Ӯ АЗ АҲЛИ ТУ НЕСТ

Каме пеш аз ин вақти обхезӣ Нуҳ барои писараш талаби наҷот намуд: Эй Парвардигори ман, дар ҳақиқат писарам аҳли ман аст. Ту ваъда додӣ ба ин, ки маро ва касе, ки аз аҳли ман имон биёрад аз ғарқ шудан наҷот медиҳӣ. Худованд ба илҳом ва ваҳй ба ӯ ҷавоб дод: **«Эй Нуҳ, дар ҳақиқат писарат аз аҳли ту нест ӯ кофир шудааст ва калимаи куфр бар вай таҳқиқ шудааст. Аҳли ту касоне ҳастанд, ки ба ту бовар кунанд ва имон оваранд ва даъвати туро қабул карданд ва ман ёрӣ ва наҷот медиҳам магар мӯъминонро. Аммо шахсе, ки саркашӣ кунад ва кофир шавад монанди зан ва писари ту пас барои онҳо на наҷот аст ва на биҳишт ва на неъматҳо...».**

Вақте фаҳмид Нуҳ (а), ки меҳру муҳаббати падарӣ ин корро аз ӯ пӯшондааст, ба тавба кардан шурӯъ намуд ва аз Худои якто мехост ӯро барои ин фикраш мағфират кунад ва бубахшад. Худованд ӯро мағфират ва бахшиш намуд. Киштӣ ба замин ба саломат нишаст.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-IV
## ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ЛУТ (а)

## ҶИНСИЯТИ МУСАЛМОН АҚИДААШ АСТ

**Ҳозир агар шуморо бипурсам эй дӯстони паҳлавонам: Кист аҳлу оила ва хешу ақрабои шумо? Шуморо лозим аст, ки бидонед аҳлу ақрабои шумо танҳо мӯъминон ҳастанд, аммо кофирон аҳлу ақрабои мо нестанд. Онҳо душманони мо ҳастанд, магар вақто, ки имон биёваранд ва мисли мо ба Худои ягона бовар кунанд. Бо онҳо мо кина намегирем ва бадӣ намекунем, балки меҳрубонӣ ва шафқат мекунем ва онҳоро ба сӯи дини Худо бо илму ҳикмат ва сабр даъват менамоем.**

Мӯъминҳо ҳар куҷо, ки бошанд, ҳарчанд сарзаминҳо ва маконҳояшон дур бошад, онҳоро ақидаи ягона доштан ва бародар будан бо ҳам мепайванданд, зеро ҳама дар дини ҳақ ва дурусти Илоҳӣ ҳастанд.

## ПЕШВОЯМОН ЛУТ (а) АХЛОҚИ ФОСИД

Ахлоқи фосид ва вайрон дар шаҳри Самуд, ки як аз шаҳрҳои қадима аст, зиёд шуд. Ҳар гоҳ кору рафтори бадро аз якдигар медиданд манъ ва насиҳат намекарданд. Молҳои якдигарро ғорат мекарданд. Мардум дар нодонӣ ва гумроҳию зарар фурӯ рафта буданд. Ҳарчанд, ки носиҳон ва воъизон насиҳат мекарданд онҳо гӯш намедоданд ва итоат намекарданд.

Онҳо бадтарин, хабистарин ва қабеҳтарин мардум буданд. Зиндагии онҳо иборат буд аз: хиёнаткорӣ, рабудани молҳои мардум ва беобрӯгӣ. Ҳамаашон ниятҳои бад ва ахлоқҳои разилаи паст доштанд. Оё онҳо аз бадӣ боз истоданд ё гумроҳи ва бадкирдориашон зиёд шуд?

## ПАҲНШАВИИ КОРҲОИ ҲАРОМ

Нафси онҳо хиёнату дуруғгӯи ва рабудани молҳо, иктифо накарда ба гуноҳи сахттаре даст заданд, ки касе то онҳо ба чунин ҷиноят ва гуноҳ даст назада буд. Он гуноҳ чист? Алоқа ва иртиботро бо занҳои худ тарк карданд ва фоҳишагӣ ва робита бо мардонро шурӯъ намуданд, ки ин корро Худованд ҳаром гардондааст.

Кошки онҳо кӯшиш мекарданд, ки аз ин бало халос шаванд? Баръакс дигаронро ошкор ба ин гуноҳ даъват мекарданд, ба дараҷае,

ки ин рафтори бад хеле дар байни мардум паҳн шуд. Ахлоқашон ба дараҷае паст шуда буд, ки ба тасаввур кардан рост намегирифт!!!

## ДАЪВАТИ ЛУТ (а)

Дар асное, ки онҳо ба ин андоза бешараф шуда буданд, Худованд аз онҳо мардеро, ки нишонаҳои хайру салоҳ дар вай дида мешуд ба паёмбарӣ интихоб намуд, то барои тағйир ва ислоҳи қавмаш коре кунад.

Бо ҳамин Лут (а) даъваташро шурӯъ намуд ва барои қавмаш мегуфт: Эй қавми ман: Пок созед нафсҳои худро аз феъли ҳаром ва зишт, ин фаҳшу бадбахтиро тарк намоед. Худованд меҳрубон аст ва шуморо бе раҳнамоӣ намемонад. Бинобар ҳамин маро ба ҳайси Паёмбар ба сӯи шумо фиристод. Ман наметавонам ин корҳои ҳаромро бубинам ва сукут намоям. Эй мардум! Тавба намоед ва ба сӯи Худо бозгардед нияту қасди худро поку ҳалол гардонед.

## ТАКАББУРИИ ҚАВМИ ЛУТ (а)

Лекин мардуме, ки ҳаёташон пур аз фоҳишакорию ҳаромхӯрӣ буд ба суханони Лут (а) гӯш намедоданд ва итоат намекарданд. Баръакс калонӣ ва такаббурӣ менамуданд ва Худовандро ибодат намекарданд. Ба ин қаноат накарда маслиҳат ва машварат намуданд, ки Лут (а) ва касоне, ки имон оваранд бадарға намоянд. Зеро Лут (а) ва ҳамроҳонаш мисли онҳо фоҳишакорӣ намекунанд.

Бинобар ҳамин он мардуми тирабахт ва сияҳкор Лут (а) - ро метарсонанд ва аз ӯ талаб намуданд, ки бо ҳамроҳонаш аз шаҳр хориҷ шаванд.

## ТАРС ВА ОГОҲӢ

Модеме, ки саркашию истибкор ва машварату маслиҳатҳои онҳоро фаҳмид боз забон ба насиҳат кушод ва гуфт: Агар тавба накунед ва ин гуноҳи вазнинро тарк накунед Худованд болои шумо азоби дарднокеро хоҳад овард. Эй қавми ман! Дар ҳақиқат Худованд аз шумо ғофил нест ва шуморо мебинад ва ӯ кофирону вайронкоронро дӯст намедорад, пас шумо тавба намоед ва аз ин фоҳишакорӣ даст кашед.

Эй мардум! Ман аз он метарсам, ки азоби Худованд болои шумо меояд! Бо вуҷуди ин қавмаш ба суханони Паёмбар Лут (а) гӯш надоданд ва ӯро масхара мекарданд ва аз ӯ талаб мекарданд, ки аз шаҳр бо пайравонаш хориҷ шаванд.

## ДУОИ ЛУТ БАРОИ ҚАВМАШ

Баъди ҳамаи кашмокашиҳо Лут (а) аз Худованд талаб намуд, то ӯро мадад расонад ва кофиронро барои саркашӣ ва бадкориашон азоб диҳад, чунки онҳо имон наоварданд, боз мехоҳанд расули Худоро бадарға намоянд.

Бародарони ҷонам дуои Лут (а) болои қавми бединаш ҳамин буд. Ӯ ин дуоро дарҳол накард магар баъди ин, ки дид сарсахтӣ ва саркашии зиёди қавмашро баъд аз он, ки рисолату паёми Парвардигорашро барои онҳо расонид, Онҳооро ба сӯи тавба ва бозистодан аз гуноҳ даъват намуд ва дар муқобили зарару истеҳзои онҳо сабру таҳаммул намуд ва онҳоро аз азоби Илоҳӣ бим дод. Дигар баъди ҳамаи ин ягон монеият нест, ки ӯ болои онҳо дуо намояд ва аз Худованд мадад хоҳад.

## ХУДОВАНД ДУОИ ЛУТ (а) – РО ҚАБУЛ НАМУД

Дар ҳақиқат, Худованд Лут (а) ва пайравонашро бемадад нагузошт, инчунин кофирони золимро беазоб раҳо накард. Ҳамин кофирон буданд, ки фасодӣ ва бадахлоқиро ошкор карданд, даъвати фиристодаи Худоро қабул накарданд. Билохира Лут (а) ночор дар ҳаққи онҳо дуо намуд ва аз Парвардигори олам мадад хост.

Мебинем кофирону золимон натавонистанд Лут (а) ва ҳамроҳонашро бадарға кунанд ё ин, ки азобе, ки болояшон омад дур кунанд. Худованд дуои паёмбар ва расулонашро қабул намуда болои бединон ва бадахлоқон азоби сахтеро овард. Локин он азобу шиканҷа чӣ гуна ба вукӯъ омад?

## МАЛОИКАҲО ДАР НАЗДИ ИБРОҲИМ (а)

Худованд малоикаҳояшро ба сӯи ҳамин шаҳр фиристод. Фариштагон дар роҳ ба хонаи Иброҳим (а) меҳмон шуданд, онҳо ба сурати одамӣ буданд. Паёмбар Иброҳим (а) мисли одат ба назди онҳо

таъом гузошт, вале онҳо аз хӯрдани таъом худдорӣ карданд. Сипас малоикаҳо ба Иброҳим гуфтанд: Аз мо ваҳм макун... Мо малоикаҳои Худо ҳастем, моро фиристод то қавми гунаҳкори Лутро ҷазои сазоворе диҳем. Дар роҳ туро зиёрат кардем, то туро мужда диҳем, ки фарзанддор хоҳӣ шуд. Ҳазрати Иброҳим (а) аз ин мужда хеле хурсанд шуд, завҷааш табассум намуд. (Синну соли завҷааш ба пирӣ расида буд ва таваллуд накарда буд).

Ҳазрати Иброҳим (а) бар ҳоли Лут (а) ва пайравонаш нигарон шуд. Малоикаҳо инро пай бурда гуфтанд: Ягон азобу зараре Лут (а) ва пайравонашро нахоҳад расид, магар завҷаашро, ки аз ҷумлаи кофирон ва бедин мебошад.

## БА СӮИ ДЕҲАИ ЛУТ (а)

Малоикаҳо аз назди ҳазрати Иброҳим (а) баромада ба сӯи деҳаи Лут (а) раҳсипор шуданд ва ба сурати ду навҷавони зебо ба деҳа дохил шуда меҳмони Лут (а) шуданд. Лут (а) аз тарси ин, ки қавмаш ӯро бе обрӯ нанамоянд меҳмон доштанашро пинҳон намуд (малоика будани онҳоро намедонист).

Лекин қавми бадбахташ меҳмон доштани ӯро фаҳмиданд ва хостанд бо меҳмонони Лут (а) фаҳшкорӣ намоянд. Кӣ сирро фош намуд, ки дар назди ӯ меҳмон аст: Ин ҷо касе ҳаст, ки медонист назди Лут (а) меҳмон аст ва кофиронро хабар додааст? Ва бояд ин суханчин ва хабаркаш мисли онҳо кофир бошад.

## ЗАВҶАИ ЛУТ (а)

Дар ҳақиқат завҷаи Лут (а) буд, ки кофиронро ба меҳмон доштани ӯ хабар карда буд ва сирро фош карда буд. Кофирон ва бадкорон ба хонаи Лут (а) омаданд ва аз ӯ талаб намуданд, ки меҳмононро ба онҳо таслим кунад, то бо онҳо бархӯрд ват кори бадашонро анҷом диҳанд. Паёмбар онҳоро насиҳат кард, ки ба кори фаҳш даст назананд ва аз ҳаром дур шаванд. Лекин онҳо мардуми паст ва разиле буданд насиҳати Лут (а) – ро гӯш накарданд ва бо қаҳру ғазаб хостанд ба меҳмонон таҷовуз намоянд. (Кофирони қавми Лут (а) одат карда буданд, ки агар ба деҳа меҳмоне меомад ба номуси он меҳмон таҷовуз мекарданд).

## ҲАҚИҚАТ

Ҳазрати Лут (а) аз ин, ки хонааш фоҳишону разилон зада даромада ва меҳмононашро беобрӯ месозанд, хиҷилу маъюс нишаста буд. Меҳмонон бо табассум ба назди Лут (а) омаданд ва ба ӯ гуфтанд: Мо омадем то туро ва пайравонатро наҷот диҳем. Ту нигарони ҳоли мо набош, дар охири шаб бо мӯъминон аз деҳа хориҷ шавед, зеро азоби Илоҳӣ болои кофирон фурӯд меояд. Малоикаҳо Лут (а) - ро таъкид намуданд, ки завҷаашро бо худ нагирад, зеро ки ӯ кофиру бедин аст ва ҳамроҳи кофирон гирифтори азоб хоҳад шуд.

Расули Худо аз шунидани ҳарфҳои фариштаҳо ҳақиқати ҳолро дарк кард ва хавфу андуҳ аз ӯ дур шуд ва шукри Худоро кард.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-V
## ҚИССАИ ҲАЗРАТИ СОЛИҲ (а)
## МЕРОС

**Баъди он, ки Худованд қавми Одро ба сабаби қабул накардани таълимот ва дастуроти паёмбарашон Ҳуд (а) ҳалок сохт, пас аз ҳамаи ин давраи маданият ва пешрафти қавми дигаре зоҳир шуд, ки онҳо қавми Самуд буданд. Худованд барои онҳо неъматҳои зиёдтареро нисбати мардуми пешин инъом карда буд. Хонаҳо ва қасрҳои устувор бино намуда, дорои боғу бӯстон ва чашмаҳои зулол буданд.**

Локин афсӯс, ки ақлашон аз мардуми пеш аз инҳо гузашта пурратару расотар набуд. Бутҳо ва ҳайкалҳои сангинро парастиш менамуданд ва гумон доштанд, ки зиндагӣ бо ин фаровониаш ва осудагиаш ҳамин тавр барои онҳо боқӣ мемонад ва фано намешавад.

## РИСОЛАТ ВА ПАЁМБАРӢ

Дар ҳолате, ки ин қавм бо куфру нодонӣ ҳаёт мебурданд, Худованд барои онҳо паёмбар фиристод. Номи ин паёмбари олиқадр Солиҳ (а) буд ва ӯ марди бузургу соҳиби ақли солиму олие буд. Ба Павардигори якто имон овард, пас Аллоҳи якто ӯро барои раҳнамоии ҳамин нодонони гумроҳ интихоб намуд. Ӯ мардумро ба сӯи ибодат ва парастиши Худои якто ва бемислу монанд хонда ваъда мекард,

Худованд зотест, ки мардумро офаридааст, заминро барои онҳо обод кардааст ва неъматҳои фаровонро барои онҳо арзонӣ намудааст.

Сипас аз парастиши бутҳо ва ҳайкалҳое, ки бо дасти худашон месохтанд манъашон менамуд ва барои онҳо мефаҳмонид, ки ин бутҳо фоидаву зарар оварда наметавонанд ва Худованд ҳар чӣ хоҳад мекунад. Солиҳ (а) барои онҳо тазаккур медод, ки ӯ ҳам монанди онҳо инсон аст ва фоидаву нафъу некбахтии онҳоро мехоҳад. Онҳоро даъват намуд, то тавба намоянд ва аз Худованд талаби мағфират намоянд, Аллоҳи якто шунаво ва қабулкунандаи тавба аст. Тавбакунандагонро мебахшад.

## САРКАШӢ

Локин гӯшҳо нашуниданд, қуфли дилҳо кушода нашуд ва чашмҳо надиданд. Қавм, паёмбар будани Солиҳ (а) - ро инкор кард ва даъваташро истеҳзо ва масхара карданд ва бо ин иктифо накарда барои ӯ гуфтанд:

- Эй Солиҳ; Дар ҳақиқат мо туро ҳамчун як шахси оқил ва рашид мешиносем. Дар зиндагӣ аз ту машварат ва маслиҳат мегирем, чӣ шуд туро ки имрӯзҳо суханҳои пасти бе фоида мегӯӣ? Он талаби бахшишу тавба чист, ки ту моро даъват мекунӣ? Дар ҳақиқат, мо он чизеро, ки падару бобоямон аз бутҳо ва худоён ибодат мекарданд парастиш менамоем. Мо аз гуфтаҳои ту дар шубҳа ҳастем ва омода нестем, ки суханони туро тасдиқ кунем ва аз пайравии аҷдоду авлоди худ барои ту шуда даст кашиданӣ нестем.

## БИМ ДОДАН

Вақте, ки Солиҳ (а) аз қавмаш ин суханро шунид бо сабру таҳаммул ҷавоб дод:

-Эй мардум! Чизеро, ки ман барои шумо мегӯям ҳақ ва дуруст аст ва чизеро, ки шумо парастиш менамоед ботил ва нодуруст аст. Ман аз қаҳру ғазаби Худованд болои шумо метарсам. Баъди ин, ки барои шумо молу қасру боғҳои фаровон ато намуд, аз Худованд талаби бахшиш намоед. Ман паёмбари Худо ҳастам аз шумо молу раёсат талаб надорам, фақат мехоҳам шуморо ҳидоят намоям, ки роҳи росту дурустро ёбед ва фикр намоед. Аҷру мукофоти маро Парвардигори

олам хоҳад дод. Агар шумо имон ва Исломро қабул намоед Худованд неъматҳояшро барои шумо зиёдтар мегардонад.

## МУСТАЗЪАФИН ВА КАМБАҒАЛОН

Дар ҳар қавм, эй бародаронам, мардуми боақле ёфт мешаванд, ки насиҳатҳоро дӯст медоранд.

Дар қавми Самуд нафари каме аз мустазъафин буданд ва мефаҳмиданд, ки бойгарӣ фоидае надорад. Онҳо фаҳмиданд, ки суханҳое Солиҳ (а) мегӯяд дуруст ва ҳақ мебошад, бут ва ҳайкалпарастӣ фоида надорад, агарчанде, ки падару бобоҳо онҳоро парастиш карда бошанд.

Дилҳои ин нафарҳо ба сӯи дини нав кушода шуд ва Исломро қабул карданд ва имон оварданд. Ҳамин тариқ ба Солиҳ (а) баъзе қавмаш имон оварданд ва гувоҳӣ доданд, ки нест Худое ҷуз Худои якто ва Солиҳ (а) фиристодаи Худост.

## САБР ВА КӮШИШ

Аммо касоне, ки такаббурӣ ва калонӣ карданд, ба куфру саркашии худ идома доданд, бутпарастӣ мекарданд ва ба Солиҳ (а) гуфтанд:

- Дар ҳақиқат туро шайтонҳо ҷоду кардаанд ва ту девонавор ҳарф мезанӣ, аз дини аҷдодӣ ва бобоӣ рӯ гардондаӣ. Локин ӯ дар муқобили фиребу найранги онҳо сабр ва даъваташро идома дода гуфт:

- Эй мардум, агар ман дини ҳақро тарк кунам ва мисли шумо бе дин шавам шумо азоби Худоро аз ман дур карда наметавонед ва локин агар шумо имон оварда дар Ислом дохил шавед, Худованд шуморо рӯзи қиёмат дохили ҷаннат мегардонад.

- Эй мардум, шумо беҳудагӯӣ мекунед, ақлҳоятонро кор намефармоед ва хоҳишоти нафсонии худро пайравӣ менамоед, бинобар ин аз зумраи кофирон шудаед.

## ТАРСУ БИМ

Вақте мардум имону боварӣ ва устувории Солиҳ (а) - ро дар ақидааш диданд, сарватмандон ва мансабдорон бим аз он карданд, ки рӯзе мӯъминон зиёд мешаванду қувват мегиранд. Онҳо аз молу матоъ

ва мансабҳои худ тарсиданд ва дар андешаи он шуданд, ки бо баробари зиёд шудани мӯъминон чӣ гуна зиндагӣ хоҳанд кард?

Кофирон дар фикри ҳалли мушкилот шуданд. Бинобар ҳамин ба қароре омаданд, ки аз Солиҳ (а) чизеро талаб намоянд, ки ӯ аз ӯҳдааш набарояд. Дар он сурат мардум дар атрофаш ҷамъ нахоҳанд шуд ва ӯ сусту нотавон хоҳад гашт.

## ТАЛАБИ МӮЪҶИЗА КАРДАНД

Кофироне, ки имон намеоранд онҳо мехоҳанд мардум ба амсоли онҳо бошанд ва аз имону Ислом дур бошанд, то сафи эшон зиёдтар шавад. Онҳо гумон доштанд, ки агар чизеро аз Солиҳ (а) талаб кунанд ва аз ӯҳдаи он кор набарояд, мақсади онҳо ҳосил мешавад, яъне мардум дигар ба суханонаш гӯш нахоҳанд дод.

Кофирони қавми Солиҳ (а) ба наздаш омада, аз ӯ талаби мӯъҷиза намуданд, то ин мӯъҷиза ба паёмбар ва Расули Худо будани вай далолат намояд.

Ба Солиҳ (а) гуфтанд: Агар хоҳӣ, ки даъвати туро қабул намоем ва имон оварем, пас мӯъҷиза биёр то мо туро бовар намоем... Дар акси ҳол агар мӯъҷиза нишон надиҳӣ мо чун бутпараст ва ҳайкалпараст боқӣ хоҳем монд.

## ШУТУР

Солиҳ (а) бо иҷозати Худованди бемислу монанд наметавонист он чизеро, ки онҳо талаб доштанд, иҷро намояд. Чӣ гуна ӯ метавонист мӯъҷиза биофарад, дар ҳоле, ки ӯ низ мисли онҳо башар аст?

Худованд медонист, ки кофирон бо вуҷуди дидани мӯъҷиза имон намеоранд, локин барои ботил сохтани куфру қасди онҳо уштури аҷиберо барои онҳо (чун мӯъҷиза) фиристод.

Мӯъҷиза буданаш аз он ҷо маълум мешуд, ки рӯзе об менӯшид ва рӯзи дигар наменӯшид, то ки мардум аз чашма истифода баранд.

Пешвоямон Солиҳ (а) ба мардум гуфт:

Худованд ин шутурро ҳамчун мӯъҷиза фиристод, як рӯз шутур аз чашма об менӯшад ва рӯзи дигар шумо бо навбат, эҳтиёт бошед, шутурро зарар нарасонед ва ин тартибро ҳам вайрон накунед.

## ТАРСУ БИМ АЗ КОФИРОН

Солиҳ (а) медонист, ки кофирон аз ин мӯъҷиза (шутур) метарсанд ва қасди куштанаш мекунанд, бинобар ҳамин борҳо ба назди мардум рафта ба онҳо мегуфт: Шутурро зарар нарасонед, ки ба азоби Худованд гирифтор мешавед.

Локин кофирон диданд, ки ин мӯъҷизаи ошкор аст ва аз паёмбарии Солиҳ (а) далолат мекунад, бими он доштанд, ки сафи мӯъминон зиёд гаштаву дигарон имон овардаву бовар мекунанд. Онҳо дигар аз Солиҳ мӯъҷиза нахоста дар фикри дигаре шуданд.

## МАСЛИҲАТ

Кофирон хавф аз он шутур доштанд, ки мардум ба ин мӯъҷиза бовар менамоянду давлату бойгарӣ аз дасти онҳо хоҳад рафт. Ҳама фикру зикри худро пайи он равон намуданд, ки чӣ гуна ин мӯъҷизаро аз худ дур созанд ва ягона роҳи халосиро дар куштани шутур диданд. Ва оқибат ба хулосае омаданд, ки вақти аз обхӯрӣ омадани шутур ӯро дар роҳ куштаву аз ин мӯъҷизаи барои онҳо хавфнок наҷот хоҳанд ёфт.

## КУШТАНИ ШУТУР

Як гурӯҳи кофирон барои куштани шутур баромада дар вақти аз обнӯшӣ баргаштанаш яке аз онҳо ӯро бо найза зада дигарҳо болои шутур ҳамла мекунанд ва сарашро аз тан ҷудо менамоянд. Сипас назди Солиҳ (а) омада мегӯянд: Мегуфтӣ, ки агар шутурро осебе расад болоятон азоб меояд, ҳамчунон, ки шутурро овардӣ биёр ин азобҳоро. Мо шутурро куштем ва парвои ту ва азобе надорем.

Паёмбар Солиҳ (а) ба онҳо гуфт: Пеш аз азобу шиканҷа хуб мастӣ кунед… ман шуморо огоҳ намудам, ки ба шутур осеб нарасонед ва ӯро накушед, шумо бошед ба суханони ман гӯш надодед, пас мунтазири азоб шавед.

## ҶИСМҲОИ БЕҶОН

Солиҳ (а) суханашро идома дода гуфт: Дар ҳақиқат ваъдаи Худо ҳақ аст… Азобаш наздик аст ва имрӯз ё фардо хоҳад омад. Кофирон

бошанд масхара мекарданду мегуфтанд: Зудтар азобро биёр, ку бубинем.

Онҳо қасд карданд, ки Солиҳ (а) ва аҳли оилаашро дар ҳолати хоб ба ҳалокат расонанд. Локин Худованд паёмбар ва дигар мӯъминонро, ки ҳамроҳи ӯ буданд фаромӯш накард.

Азоби Худованди нимашаб болои кофирон омад. Раъду барқ ва садои даҳшатнок ҳамаҷоро фаро гирифт ва кофирон ба ин азоб тоб наоварда ҳама ба ҳалокат расиданд.

Чун субҳ Солеҳ (а) аз хоб бедор гашт, фаҳмид, ки Худованд кофиронро ҳалок сохтаву ӯ ва дигар мӯъминонро аз он азоб наҷот додааст. Баъдан ба ҳамроҳонаш рӯ оварда гуфт: Эй мардум, дар ҳақиқат ман рисолати Парвардигорамро ба шумо расондам ва шуморо насиҳат кардам. Локин шумо насиҳаткунандагонро дӯст намедоред.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-VI
## САЙИД ВА ПЕШВОЯМОН ҲУД (а)
## ҶОЙ ВА МАКОНИ ОД

Дар ҷануби ҷазираи Арабистон қавме зиндагӣ мекард, ки исми он қавм Од буд. Парвардигори тавоно барояшон неъматҳо ва хайротҳои зиёде ато фармуда буд. Сарзаминашон чашмаҳои зиёде дошт. Онҳо зироаткорӣ мекарданд, боғҳо ва заминкҳои киштбоби зиёд ва зебое доштанд. Болои ҳамаи ин Худованд ҷисмҳои бок;увват барои онҳо инъом карда буд.

Дигар қавмҳо ин бартариро надоштанд, ё кам доштанд. Дар ҳамин сарзамини сарсабз зиндагӣ мекарданд, некбахт буданду дар боғҳову киштзорҳо гашту гузор мекарданд. Шоду хуррам дар амонӣ ҳаёт ба сар мебурданд.

## НОДОНӢ ВА БУТҲО

Бо вуҷуди ҳамаи ин неъматҳои фаровон ва қуввату зебоги як маротиб ҳам дар бораи зоте, ки офарандаи тамоми неъматҳост, фикр накарданд, накушиданд то офаранда ва холиқи ҳамин дунёро бишиносанд. Билохира баҷое расиданд, ки мувофиқи хоҳишу нафсашон ва нодониашон бут ва ҳайкалҳоеро, ки бо дасти худ месохтанд, Худо гирифтаву саҷда ва парастиш мекарданд.

Барои он бутҳо курбонӣ мекарданду бо ин васила гуё худро ба онҳо наздик месохтанд. Илова бар ин, ғуруру такаббурӣ мекарданд. Гурӯҳи боқувват ва сарватмандон тоифаи заиф ва камбағалро зулму шиканҷа мекарданд. Меҳру муҳаббат аз байни онҳо рафта буд.

Дар байни ҳамин қавм марде буд, ки Ҳуд (а) ном дошт. Барои хулқу рафтори некаш ҳамон қавм ӯро гиромӣ медоштанд. Ҳуд (а) ақлу идроки худро кор фармуд ва он чӣ ки қавмаш аз якдигарозорӣ ва беақливу нодонӣ доштанд, тарк карда буд. ӯ фаҳмид, ки ҳеҷ мумкин нест, ки бутҳо Худо бошанд, дуоҳои мардумро бишнаванду некӣ фиристанд ва зарару бадиҳоро аз мардум дур созанд.

Ҳуд (а) медонист, ки ранҷонидани заифон аз ахлоқи карима ва сутуда нест. Агар инсон хурд бошад ё камбағалу нодор маънои онро надорад, ки мо ӯро биранҷонем ва озор диҳем. Вай ҳам мисли мо инсон аст.

ӯ фикр мекард, ки дунёро кӣ офаридааст? Меандешид чӣ гуна заифон ба ҳаққи худ бирасанд. Билохира, роҳи наҷотро пайдо кард, ки он имон ба Худо, парвардигори оламиён аст.

## АМРИ ТАБЛИҒ

Қавми Ҳуд (а) эҳтиёҷ ба раҳнамоӣ доштанд. Худованд ҳам онҳоро бе раҳнамо нагузошт. Аз раҳмату меҳрубонии Худованд буд, ки Ҳуд (а)воситае бошад барои ҳидоят ва раҳнамоии қавмаш то, ки онҳо офаранда ва холиқи худро бишиносанду бе фоида будани парастиши бутҳоро баён кунад.

Парвардигори олам Ҳуд (а) -ро ихтиёр кард, то ӯ Пайғамбар ва расондаву таблиғкунандаи Ислом бошад, шояд аз ин ақлҳои гумроҳ ба сӯи имони дуруст роҳ пайдо кунанд.

Офаридгори олам ба Ҳуд (а) илҳому ваҳйӣ намуд, ту паёмбар ва расули Парвардигори оламиён ҳастӣ, баъди ин, ки Худованд туро ба роҳи рост ва имон ҳидоят кард, пас бархез ва қавми худро бирасон, ки танҳо сазовори парастиш Аллоҳи ягона аст, на бутҳои сангин ҳамчуноне, ки шумо фикр мекунед.

## ТАБЛИҒОТИ РИСОЛАТ ВА ПАЁМБАРӢ

Пешвоямон Ҳуд (а) барои иҷро кардан ва гузаронидани ҳамин вазифаи муҳиму муқаддас бе ягон дудилагӣ камари ҳиммат бастанд ва қавми худро ба роҳе, ки дар он некбахтӣ ва салоҳ аст даъват карданд.

Ҳуд (а) барои қавмаш гуфт:

- Ин сангҳое, ки шумо бо дастони худ ба шаклҳои гуногун метарошед ва боз онҳоро мепарастед чистанд? Оё дар онҳо ягон фоидае ё зараре ҳаст? Оё онҳо чашму гӯш доранд? Оё намебинанд, ки онҳо на зарар мерасонанд ва на фоидае меоранд. Оё намебинанд, ки онҳо намешунаванд ва намебинанд? Ин кори шумо ба бефикрию беидрокӣ далолат мекунад. Пас зарур аст Худои ҳақиқиеро, ки шумо ва тамоми мавҷудотро офаридааст ибодату парастиш намоед.

## САРКАШИИ КОФИРОН

Ҳуд (а) суханҳояшро гуфт ва умед дошт, ки қавмаш ӯро мефаҳмад. Локин баръакс, дар қавмаш дилҳои сангшуда, гӯшҳои карру чашмони нобиноро дид. Онҳо чунин ҷавоб доданд:

- Он чизе, ки мо барои парастиш ва ибодат даъват мекунӣ чист? Ту аз мо мехоҳӣ, ки бутҳоеро, ки аҷдодонамон аз қадим парастиш мекарданд тарк гӯем. Чӣ гуна аз мо мехоҳӣ, ки Худои ягонаро парастш кунему ба ӯ шак наёрем? Эй Ҳуд, ин бутҳо ба он худое, ки ту даъват мекунӣ моро наздик месозанд ва моро дар назди Худо шафоату пуштибонӣ мекунанд. Моро ба ҳоли худамон гузор, ин бутҳоро падарҳои мо парастиш намуданд ва мо низ онҳоро парастиш ва ибодат мекунем.

## ТӮҲМАТҲОИ АҲМАҚОНА

Ҳуд (а) суханҳо ва ҳарфҳои онҳоро рад карда гуфт:

- Худованд барои шумо наздиктар аз ҳама кас ва аз ҳама чиз мебошад, шуморо мешунавад ва мебинад, муҳтоҷ ба сангҳои кар нест ... Ягона ӯро парастиш намоед. Агар сангҳоро мепарстед онҳо шуморо ба Худо наздик намекунад, баръакс ин амал шуморо аз Худо дур мекунад, ки беақлӣ ва камхирадии шумост.

Дар ҳақиқат Ҳуд (а) онҳоро насиҳат мекард, локин саркашӣ карданд ва гуфтанд:

- Ту девонаию беақлӣ на каси дигар!!! Ту беақлӣ ва сабукфикрӣ! Ту дурӯғгӯхастӣ, ту чӣ бартарӣ аз мо дорӣ, ки паёмбар ва набавӣ бошӣ?

Чӣ тавре, ки мо мехӯрем ту ҳам мехӯрӣ, менӯшӣ, ҳеҷ имкон надорад, ки беҳтар аз мо бошӣ ...

Ҳамин тавр ӯро тӯҳмат ба бефикрӣ ва девонагӣ заданд. Ҳамаи ин барои он буд, ки намехостанд имон ба Худои ягона биёранд ва мусулмон шаванд.

## САБРИ ПАЁМБАР

Ҳуд (а) дурӯғу суханҳои бофтаи қавмашро таҳаммул кард. Ва гуфт: Ман беақлу бехирад нестам, девона ва аҳмақ ҳам нестам, дурӯғгӯ ҳам нестам. Ман мисли шумо инсонам, ҳеҷ аҷиб нест, ки Худованд маро паёмбар интихоб намудааст ... Аҷаб он вақт мешуд, агар Худованд шуморо бе паёмбару раҳбар мегузошт ...

Эй қавми ман! Аз хурдӣ то ҳозир дар байни шумо ба воя расидам ва бузург шудам, дидед, ки ман ягон маротиб дурӯғ гуфта бошам? Аз ман девонагӣ ва ё беақлӣ дидед? Оё дар ягон амали ман сабукфикриро мушоҳида кардед?

Ба ҳар ҳол ман аз имон ва бовари шумо ноумед нестам ва бар он чӣ, ки мегӯед парвое надорам.

## ИСТИМРОР ДАР ДАЪВАТ

Даъваташро Ҳуд (а) идома медод ва таблиғ мекард ... ӯ барои қавмаш мегуфт:

- Ба ин дунёи аҷоиб ва тартиботи нозук бингаред, ба сӯи осмон, ситорагон, замин ва кӯҳҳо як назар андозед. Ва имон ба зоте биёред, ки ҳамаи инҳоро офаридааст. Ба ӯ бовар кунед ва талаби бахшиши гуноҳон намоед.

Барои шумо неъматҳояшро фаровон мекунад, молу қуввататонро зиёд мегардонад. Бидонед, ки ягона Худованд сазовори парастиш асту бас. Эй мардум, харфҳои маро гӯш намоеду бифаҳмед ва ба он зоте, ки шуморо офаридаасту неъматҳои фаровон ва хайроти бисёр додааст кофир нашавед... Эй қавми ман: Итоат намоед Худо ва паёмбари ӯро.

Эй қавми ман: Ҳар касе аз шумо, ки Худованд ва расули ӯро итоат мекунад ва дар Ислом дохил мешавад барояш зараре намерасад, баъди ҳисобу китоб касоне, ки кофир мешаванду саркашӣ мекунанд, Худованд онҳоро ба оташи дӯзах мебарад.

Эй мардум: Аз Худое, ки шуморо халқ кардааст битарсед. ӯ зотест, киҷонҳои шуморо мегирад, боз рӯзи қиёмат зинда мегардонад. Чӣ тавре, ки бори аввал шуморо офарида буд. Сипас ба сӯи ҷаннат ё ба сӯи дӯзах: Локин қавмаш даъвати ӯро напазируфтанд ва имон наёварданд, магар иддае каме аз қавмаш имон оварданд.

## АБР ДАР ОСМОН

Ҳуд (а) дид, ки аз қавмаш ҷуз саркашию куфр умеде нест, ӯ ҷаҳд ва даъваташро идома дод. Рӯзе бо онҳо сӯҳбат дошт, ки лаҳзае пас абри сиёҳ дар осмон пайдо шуд. Қавмаш хурсанд шуданд ва гуфтанд:

- Ана борон меборад...

Локин Ҳуд (а) фаҳмид, ки абри сиёҳ борон нест, баръакс офатест аз ҷониби Худо то, ки ҳамин кофирҳоро азоб диҳад.

Сипас Ҳуд (а) барои онҳо гуфт:

- Эй қавми ман ин абр болои шумо шамоли сахтеро меорад ва он азобест бароятон, зеро, ки сухани ҳақро гӯш накардед ва ҷаҳлу нодониро пеша кардед. Пас азобу ҳалокатро мунтазир бошед.

Дар ҳақиқат ин азобе буд барои кофирон. Ҳуд (а) суханонашро тамом накарда буд, ки Худованд барои мӯъминон ваҳӣ ва илҳом намуд, ки аз кофирон ҷудо ва дур шаванд.

Болои кофирон шамоли сахте вазид, ки чорпояшонро мекушт, либосу матоъҳоро ба ҳаво бардошта мебурд. Кофиронро тарсу ҳарос фаро гирифт ва ба сӯи хонаҳояшон гурехтанд. Гумон доштанд, ки дар хонаҳояшон аз шамол наҷот мeёбанд. Ҳайҳот, гумони онҳо хато баромад. Шамол тамомиҷоро фаро гирифта буд, сангҳои саҳроро болои хонаҳояшон мерехт. Ҳафт шабу ҳашт рӯз пайи ҳам шамол вазидан гирифт, манзили онҳоро хароб кард. Шамол хонаю чорпоён ва ҷисмҳои онҳоро аз рӯи замин нобуд сохт то аз онҳо асаре намонад.

## ОНҲО БА ХУДАШОН ЗУЛМ КАРДАНД

Худованд онҳоро зулм накард, балки худашон кофир шуданд ва бар нафсҳои худ зулму ситам карданд ва ҷазои кофирон ҳамин аст. Азоб накард онҳоро магар ки аввалан барои онҳо паёмбар фиристод.

Ҳуд (а) -ро фиристод, бас таблиғ кард онҳоро барои онҳо роҳи росту дурустро нишон дод.

(«**Ҳар ойина ман таваккул кардам бар Худо - Парвадигори ман ва парвардигори шумо нест ҳеҷ ҷунбандае магар Худо, ба даст гирифтааст мӯи пешонии ӯро ҳар ойина Парвардигори ман бар роҳи рост аст. Пас агар рӯ гардон шавед заррае ба ман оид нест ҳар ойина расонидам ба шумо пайғомеро, ки фиристода шудам ҳамроҳи он ба сӯи шумо ва ҷонишин созад Парвардигори ман қавмеро ба ҷуз шумо ва ҳеҷ зиён натавонад расондан Худоро, ҳар ойина Парвардигори ман бар ҳама чиз нигаҳбон аст».** Сураи Ҳуд, ояи 56-57).

Каломест дар вай фоидаи бузург барои касе, ки мехоҳад панд ва ибрат бигирад. Хуш ба ҳоли касе, ки ибрат гирад.

## ҲАҚ ҒАЛАБА МЕКУНАД

Касоне, ки имон оварданд ва бовар карданд ҳамроҳи Ҳуд (а) наҷот ёфтанд, оқибати кор ва муборизаро байни ҳаққу ботил диданд ва фаҳмиданд ... Кофирон мурданд ... Ва мо онҳоро зулм накардем, валекин худи онҳо буданд, ки бар нафсҳои худ зулм карданд. Ҳамин тариқ эй бародарони пахлавонам шумо дидед, ки чӣ гуна имон бо сабру суботкорӣ инсонро фоида мебахшад. Агар сабру пуртоқатӣ ва даъвати бардавоми Ҳуд намебуд ... ниҳояти кор ғалаба аз мӯъминон намешуд.

Худованд кӯмак ва зафар намедиҳад магар касонеро, ки имон овардаанд ва бовар кардаанд...

Худованд дар Қуръони Карим мегуяд: **«Агар ёрӣ диҳед (дини) Худоро ӯшуморо кӯмак ва нусрат мебахшад».**

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-VII
## ПЕШВОЯМОН ИБРОҲИМ (А)
## НАТИҶАИ НОДОНӢ

**Ин қиссаи қавмест, ки дар замонҳои қадим зиндагӣ мекарданду бутҳоеро, ки худашон аз санг месохтанд ибодат мекарданд ва дарҷаҳолату нодонӣ ғутавар буданд. Ҳокими онҳо Намруд буд, донову зирак ва боқуввату чолок. Намруд рӯзе қавмашро ҷамъ намуд ва бо усули хеле зиракона ба онҳо гуфт:**

- Эй мардум маро парастиш ва ибодат намоед, ғайри ман каси дигар ё чизи дигарро напарастед. Бо ҳамин тариқ ӯ худашро худои қавм гардонид ва мувофиқи хоҳишоти худ мардумро гумроҳ ва фиреб дод. Мардум, ки банди кашмакаши зиндагӣ буданд, бидуни фикру андеша гуфтаҳои ӯро қабул намуданд ва бо ҳамин Намруд соҳиби тоҷу тахт ва салтанат шуд.

## МАРДИ БОАНДЕША

Дар чунин шароите, ки мардум ғутавари фасод буданд дар ин сарзамин фарзанде ба дунё омад ва ӯро Иброҳим ном гузоштанд. Иброҳим дар байниқавми хеш нашъу намо ёфта ба вой расид. Бо ақлу фаҳмише, ки Худованд ба ӯ дода буд, кору рафтор мекард ва ба андешае омад, ки қавмаш дар гумроҳист. Ӯ дарк намуд, бутҳое, ки қавмаш мепарастанд фоидае намеоранд, чунки онҳо сангҳои карру гунгу куре ҳастанд, ки намебинанду намешунаванд ва ҳарф намезананд. Ӯ (Иброҳим) беҳтар аз ин сангҳост, чигуна онҳоро парастиш намояд? Ӯ ақл дорад, мебинад, мешунавад, ҳарф мезанад, сангҳо ва бутҳо чизе надоранд пас чӣ гуна онҳоро парастад?!

Худованд ӯро ба роҳи ҳақ ва дуруст ҳидоят ва раҳнамоӣ намуд. Ӯ дарк кард ва фаҳмид, ки офарандаи дунё ва тамоми мавҷудот Аллоҳи якто ва бе шарик аст. Парвардигори олам ӯро барои нашру паҳн кардани дини ҳақ ба паёмбарӣ интихоб намуд. Иброҳим (а) қавмашро раҳнамоӣ мекард ва ба роҳи рост даъват менамуд.

Ҳазрати Иброҳим (а) ба он амри муҳиме, ки Худованд ӯро супориш карда буд амал мекард. Ӯ сӯи қавмаш рӯ оварда онҳоро даъват менамуд, ки ягона Худованди покро бояд парастид. Бутҳое, ки фоидаву зараре оварда наметавонанд сазовор ва лоиқи парастиш нестанд. Бародарони азиз, ин даъват ба сӯи хайру салоҳ ва кори муқаддас буд, даъват ба сӯи Ислом, даъват ба сӯи некбахтии дунё ва охират. Худо яктост ғайри ӯ худои дигаре вуҷуд надорад.

Дар қиссаи ҳазрати Иброҳим (а) ҷолиб ва аҷоиб он аст, ки падари Иброҳим (а) ҳайкал ва бут метарошид ва мардумро барои парастиши ҳайкалу бутҳо даъват менамуд. Вақте Иброҳим (а)ҳақиқатро дарк кард, дар назди худ вазифа гузошт, ки аввал падарашро ба сӯи Ислом

ва Имон даъват намояд. Ӯ назди падар рафта бо суханҳои нарму гарм лаб ба гуфтор кушод:

- Падарҷони азиз, ман фарзанди шумо ҳастам, Худованд маро паёмбар гардонид ва аз илму маърифат бароям чизҳои зиёде насиб кард. Ин бутҳо ва суратҳо ҳеҷ фоидае надоранд. Касе онҳоро парастиш менамояд дар ҳақиқат шайтонро мепарастад, ки охируламр рӯзи қиёмат гирифтори азобу шиканҷаи дардноке хоҳад шуд. Падарҷон, аз ин бутҳо рӯи гардон ва Худованди ягонаро парастиш намо.

## ҚАҲРИ ПАДАР

**Вақте Иброҳим (а) падарашро даъват ба шинохти Худои ягона кард, падар дар ғазаб шуда** дигар ба суханони Иброҳим (а) гӯш надода чунин гуфт:

-Эй Иброҳим, ту аз худоҳои ман рӯйгардон ҳастӣ? Ту мехоҳӣ аз ибодату парастиши бутҳо даст кашӣ? Агар бутҳоро парастиш накунӣ, аз хона баромада рав, вагарна дар акси ҳол кушта хоҳӣгашт. Иброҳим (а) дар муқобили таҳдидҳои падар оромона чунин посух дод:

-Салому дуруд бар ту аз Худоям, бароят омӯрзиш мехоҳам. Аз шумо ва аз он чизе шумо мепарастед аз ғайри Худо ҷудо мешавам. Иброҳим (а) бо падар худоҳофизӣ намуда аз хона баромада рафт ва андӯҳгин аз он гашт, ки падараш кофиру нобовар аст. Ӯ ба сӯиқавмаш баргашта бо сабру таҳаммул даъваташро идома дод.

## ШИКАСТАНИ БУТҲО

Иброҳим (а) дар ҷавониаш хост бо кофирон амалан нишон диҳад, ки бутҳо ҳеҷ фоидае оварда наметавонанд. Ба ин мақсад Иброҳим (а) рӯзе ба ибодатгоҳи (бутхонаи) онҳо рафт ва дар ҳоле, ки касе он ҷо набуд ба масхара кардани бутҳо шурӯъ намуда гуфт:

-Оё намехӯред? Чаро сухан намегӯед?

Сипас табарро гирифта бутҳо ва муҷассамаҳоро, ки дар бутхона буданд пора - пора намуда табарро ба гардани яке аз бутҳо, ки боқӣ монда буд овезон намуда худ бадар рафт. Вақто, ки мардум вориди бутхона шуда вазъиятро диданд байни ҳам гуфтанд:

-Кӣ ба худоҳои мо чунин кард. Яке аз онҳо гуфт:

-Шунидем ҷавоне бо номи Иброҳим (а) алайҳи бутҳо чизе мегуфт, шояд ин кори ӯст... Кофирон тасдиқ карданд, ки ин ҳамон ҷавонест, ки

бутҳоро танқиду таҳқир мекард ва ба хулосае омаданд, ки Иброҳим (а) - ро пайдо сохтаву ҷазояш бидиҳанд.

## ФУРСАТИ МУНОСИБ

Оқибат мардумро ҷамъ намуда Иброҳим (а) -ро оварданд. Иброҳим (а) хурсанд буд, зеро ӯ фурсате пайдо сохта буд, то дар ҷамъи мардум даъвати эшон намояд. Бутпарстон дар бутхона гоҳ ба бутҳои хору зори пора - пора ва гоҳе ба он буте, ки Иброҳим (а) табарро дар гардани ӯ овехта буд нигариста баъзеҳо ҳайрон ва баъзе ба қаҳр омада аз Иброҳим (а) мепурсиданд:

-Эй Иброҳим, оё ту бо худоҳои мо чунин кардӣ?

- Иброҳим (а), ки худ мунтазири чунин савол буд гуфт:

- Балки инро калони бутҳо кардааст, аз онҳо бипурсед агар метавонанд сухан бигӯянд?! Баъди шунидани ин ҷавоб бутпарастон ҳайрон - ҳайрон ба якдигар нигариста гуфтанд:

- Ту худ дар ҳақиқат медони, ки бутҳо сухан намегӯянд. Чун бо ин саволу мукотиба бутпарастон нотавонӣ ва оҷизии худро дар муқобили ҳақиқат собит карданд, қоил ва таслим шуда ба хулосае омаданд, ки бутҳо сухан намегӯянд ва наметавонанд фоидае биёранд.

## РОҲИ ИБРОҲИМ (а)

Ҳазрати Иброҳим (а) дар ҷамъомади қавмаш сухани бузург гуфт:

- Оё шумо парастиш мекунед ғайри Худо чизеро, ки фоидаву зараре барои шумо меорад?! Вой бар ҳоли шумо ва барои он чизе, ки шумо парастиш мекунед аз ғайри Худо... Паёмбар даъваташро идома дода қавмашро мефаҳмонид, ки барои ҳар инсон воҷиб ва зарур аст, ки танҳо ба Худои ягона имон оранд. Ӯро парастиш намоянд ва фақат ҳар хостаро аз Худо бихоҳанд. Лекин гиреҳи дилҳои қавмаш кушода нашуда баръакс аз мансабу ҷои худ тарсида гуфтанд:

-Бисӯзонед Иброҳимро ва худоҳои худро ёрӣ диҳед агар коре карданӣ ҳастед. Билохира қарор доданд, ки Иброҳимро ба хотири имону бовар доштанаш ба Худои ягона дар оташ афкананд то сӯхта бимирад.

## НАҶОТИ ИБРОҲИМ

Додараконии азизам, агар аз шумо бипурсам, ки ҳазрати Иброҳим (а) чӣ гуноҳ дошт, ки ӯро ба оташ партофтанд, шумо дар ҳол хоҳед гуфт, ки:

-Ӯ ба Худо бовар дошт, дигар гуноҳе надошт. Ӯ ошкор мардумро даъват ба шинохти Худои ягона мекард, то аз гумроҳӣ ва нодонӣнаҷот ёбанд. Баъди ин, ки шӯълаи оташ баланд шуд Иброҳим (а) - ро дар оташ андохтанд, Иброҳим (а) заррае тарс дар вуҷуд надошт, зеро ӯ ба Худо бовар дошт, ки ӯро наҷот хоҳад дод... Ва чунин амру супорише аз осмон нозил шуд:

- Эй оташ сард шав ва Иброҳим (а) - ро саломат нигаҳ дор …

Оташ тамом шуд ва ба Иброҳим (а) осебе нарасонид. Мардумҳайрон шуда дар тааҷҷуб монданд, аз кори кардаашон хиҷолат кашиданд. Худованд рост гуфт: Онҳо иродаи макру фиреб карданд, онҳоро зиёнмандтарин гардондем.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ- VIII
## ПЕШВОЯМОН ИСМОИЛ (а)
## ТАВАЛЛУДИ ИСМОИЛ (а)

Иброҳим (а) қаблан зани дигаре ҳам дошт, ки бо ҳам хеле зиндагӣ карданд, локин аз онҳо фарзанде ба дунё наомад. Ёдатон бошад инҳамон занест, ки дар қиссаи Лут (а) малоикаҳо ба ҳазрати Иброҳим (а) муждаи фарзанд дода буданд. Ҳазрати Иброҳим маҷбур шуд Исмоили хурдакакро бо модараш ба дигар ҷо барад ва онҳо дар онҷой истиқомат намоянд.

## БА СӮИ САҲРО

Ҳазрати Иброҳим (а) зану фарзандашро гирифта ва ба сафари дуру дарозе баромад, то ба он ҷое, ки имрӯз хонаи Худо – Каъба аст расид. Он ҷо зану фарзандашро гузошта худ бозгашт. Албаттаҳамаи ин бо амру фармони Худованд буд. ӯ мегуфт: Парвардигоро,ҳар оина ман сокин сохтам баъзе авлоди худро ба водии безироат наздики хонаи мӯҳтарами Ту. Модари Исмоил таваккул ба Худо намуда розӣ шуд ва бо фарзандаш дар сарзамини бе об бимонд. Иброҳим (а) ба ватани худ баргашт.

## КӮШИШ ВА ФАРЁД

Захираи хӯрданӣ ва нӯшидание, ки Иброҳим (а) назди зану фарзанди худ гуузошта буд тамом шуд, кӯдак аз гуруснагию ташнагӣ азоб мекашиду мегирист. Модар бо умеди он, ки шояд хӯрданӣ ё нӯшидание пайдо намояд ҳар тараф медавид, ҷустуҷӯменамуд. Локин дар ин саҳрои хушк таому об аз куҷо пайдо мегашт? Модари Исмоил аз давутози зиёд хаста шуда, рӯ ба Худо овард:

**-Эй Парвардигори меҳрубон, ҳалқи ин тифл аз ташнагӣ хушку меъдааш аз гуруснагӣ ба дард даромад, маро наҷот деҳ.**

## ЧАШМАИ ЗАМ – ЗАМ

Вақто, модари хаставу бемадор ба назди фарзанди худ бар мегардад мебинад, ки аз дасту позании зиёди ин тифл бо баракати Худованди меҳрубон аз зери қадамҳои ӯ аз синаи санг чашмае фаввора мезанад. Модар дар ҳол сару рӯи фарзандашро бо об тар намуда қатра – қатра ба ӯ об медиҳад. Тифл, ки қариб буд аз гуруснагию ташнагӣ бимирад дар баданаш қувват пайдо мегардад.

## ВАТАН ВА ИСТИҚОМАТГОҲ

Оби чашма беист фаввора зада мебаромад, паррандаҳо поин шудаву об менӯшиданд ва ин сабаб шуд то мардум аз дур инро дида донистанд, ки дар он макон бояд об бошад чунки паррандаҳо бе сабаб поён намешаванд. Вақго, ки таҳқиқ карданд он ҷо об аст,қарор доданд, ки дар назди чашма назди тифли ширхӯр ва модари меҳрубон хона созанд ва истиқомат намоянд.

Бисёриҳо кӯч баста омада дар наздикии чашма хона сохтанд вақарор гирифтанд. Модар ки ранҷи танҳоиву сахтиро дида буд шод шуд ва Худованди меҳрубонро шукр мекард, чунки Парвардигори якто бо қудрату тавоноияш аз синаи санги сахт барои онҳо об ҷорӣсохт, паррандаҳо фиристод, мардумро дар атрофи чашма ҷамъ намуд, саодату некбахтиро ба ин макон овард.

## ИМТИҲОНИ НАВ

Иброҳим (а) писарашро фаромӯш накард. Сари вақт ба зиёраташ меомад. Солҳо гузаштанд. Исмоил ба сини ҷавонӣ расид, дарҳамин айём аз ҷониби Худованд ба ҳазрати Иброҳим (а) амр шуд то писарашро қурбонӣ кунад! Ин супориши мушкил ва вазнину гароне буд! Иброҳим (а) пеш аз таваллуди Исмоил фарзанде надошт, умраш ба ҷое расида буд, дар тӯли ҳаёт муштоқи фарзанд буд.

Баъди таваллуд шудани Исмоил бо баъзе сабабҳо ӯро бо модараш ба саҳрои бе обе бурда мемонад, ки қариб буд модару писар ҳалок шаванд, пас аз ин қадар машаққати бе фарзандӣ ва ҷудоӣ аз фарзанди ягона болои ин машақатҳо бояд Иброҳим (а) фарзанди ягона ва дӯстдорашро қурбонӣ мекард. Чорае нест, амри Худованди бахшандаи меҳрубон аст. Иброҳим (а) бояд ин мушкилиро таҳаммул намояд ҳамон тавр, ки мушкилоти зиёдеро таҳаммул карда буд. Худовандо, сабру бардошту тоате, ки Иброҳим (а) дошт барои мо насиб гардон!

## БАЁНИ АМР

Падар ба сӯи сарзамини фарзандаш ҳаракат мекунад ва барои писараш супориши Илоҳиро мерасонад: **«Эй фарзандам: Дар хоб дидам, ки туро қурбонӣ намудам».**

Фарзанд итоаткорона қабул намуда бо садои пур аз ҷасорат гуфт:**«Эй падар ба чизе маъмур шудаӣ, иҷро намо, агар Худо бихоҳад маро аз ҷумлаи сабркунандагон меёбӣ».**

Додаракон ва хоҳаракон меҳрубонам, ба сабру таҳаммули падар ва итоаткории фарзанд амри Илоҳиро бингарему панд бигирем.

## КОРД НАМЕБУРАД

Шайтони лаъин мехост ба ҳар сурате шакку дудилагӣ ва иҷро накардани фармони Илоҳиро дар нафси Иброҳим (а) ҷо намояд то, ки Иброҳиму писараш аз ин фармони Худовандӣ рӯ гардонанд. Локин ҳазрати Иброҳим (а) шайтонро чандин маротиба бо сангҳо зад ва аз худ дур сохт.

Сипас Иброҳим корди тезро гирифта чашмони писари ягона ваҷигарбандашро баста ба гиря даромад. Дар ин ҳол писар аз падараш талаб мекард, ки бо сабру тоқат бошад ва амри Худоро иҷро намояд. Падар корд бар гардани фарзанд меронд, вале корде, ки аз

.алмос ҳам тезтар буд кора намекард ва намебурид. Иброҳим (а) чандин маротиби дигар кордро меронд, локин корд набурид.

Иброҳим (а) дар кори худ ҳайрон монд ва фаҳмид, ин ҷо сирест, ки аз ӯ пинҳон аст ва намедонад. ӯ дуо мекард ва аз Худованди таоло мехост то ӯро наҷот диҳад. Корд бо вуҷуди ин, ки тезу бурро ст кора накард. Ҳазрати Иброҳим (а) рӯ ҷониби Худованд оварда мегуфт: Намебурад!!! Парвардигоро ман чӣ кор кунам? Эй Худо Ту маро амр намудӣ ва ин ҳоли ман аст?

## ҲАДЯИ БУЗУРГ

Дар ин ҳол ҳазрати Иброҳим (а) садои малоикаеро мешунавад, ки нидо мекард: **«Эй Иброҳим (а) дар ҳақиқат хоби дидагиатро амалӣ сохтӣ».**

Худованди мутаол дар ивази Исмоил (а) гӯсфанди бузургеро фиристод. Гӯсфандро малоике бардошта оварда назди Иброҳим (а) гузошт то, ки Иброҳим дар ивази фарзанди итоаткораш қурбонӣнамояд. Ҳамин буд бародарони азиз натиҷаи имону боварӣ ваҷонфидоии падару писар. Бо ҳамин Худованд падарро аз ҳайронӣва писарро аз қурбонӣ наҷот дод.

## БИНОИ КАЪБА

Иброҳим (а) ба макони худ баргашт ва муддати зиёде ба зиёрати фарзандаш наёмад. Баъди чанде ба сӯи фарзандаш омад, локин на барои аёдат, балки барои кори муҳиме, барои бардоштану иморат кардани хонаи Каъба ва аввалин масҷиде, ки дар он Худованд ибодат карда мешавад.

Гӯш бидиҳем ба қиссаи бинои Каъба дар Қуръони Шариф: **«Он гоҳ, ки баланд карданд Иброҳим ва Исмоил бунёдҳои хонаро гуфтанд: Эй Парвардигори мо қабул кун аз мо ҳар оина Ту шунаво ва доно. Эй Парвардигори мо бигардонӣ моро фармонбардори худат ва аз авлоди мо бикун гурӯҳе мутеи худат ва бинмо моро роҳи ибодатҳои мо ва ба меҳрубонӣ боз ой ба мо ба дурустӣ, ки Туйӣтавбапазиру меҳрубон. Эй Парвардигори мо бифирист дар миёни эшон Пайғамбаре аз онҳо бихонад барои онҳо оятҳои Туро ва биомӯзад онҳоро китоб ва илм ва пок созад онҳоро ҳар оина Туйӣтавонову доно».**

Фарзандони азизам вақто, ки ҳаҷ кардед ё ки тарафи Каъба намоз хондед қиссаҳои оби зам - зам ва ҷонфидоии Исмоилро ба ёд биёред. Алон додаракони хурдсолам биёед якҷоя баъди хонданиқиссаҳои Иброҳим ва Исмоил (а) фикр кунем ва натиҷа барорем ва фоидаҳое, ки аз ин ду қисса мумкин аст бигирем тазаккур намоем.

1. Барои шахси мусулмон зарур аст монанди пешвоямон Иброҳим бо фикру андеша ва ақлу идрок ба Худованди таъоло имон орад ва бовар намояд.

2. Бар ҳар мусулмон лозим аст нотарсона ҳақиқатро ошкор намояд.

3. Бояд бидонанд, ки Худованд бо ӯст, кӯмак ва ёриаш медиҳад.

4. Фармонҳои Илоҳиро иҷро намоянд.

5. Дар муқобили азобу шиканҷаи кофирон бо сабр бошад.

6. Дар даъваташ ба сустӣ ва хастагӣ роҳ надиҳад.

7. Иброҳимвор имон дошта бошад ва Исмоил барин дар муқобили амри Илоҳӣ итоаткор бошад.

8. Аз Худованди мутаол ҳидояти мардумро бихоҳад ва даъваташро идома диҳад.

9. Кӯшиш намояд режими фасодро ҳар куҷое, ки бошад тағйир диҳад, ба нодониву куфр розӣ нашавад.

10. Бидонад ва дарк намояд, ки зафар ва некбахтӣ нисбати мӯъминон аст.

Оқибати куфри ботил ҳалокат ва нобудист.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-IX
## ПЕШВОЯМОН ЮСУФ (а) ХОБИ ЗЕБО

Субҳи барвақт Юсуф (а) аз хоб бедор шуда назди падараш Яъқуб (а) рафта хоби дидаашро ба падари меҳрубонаш нақл намуд: «Эй падар, ба дурустӣдидам, ки ёздаҳ ситора ва офтобу моҳтоб маро саҷда кардаанд». Падар ба Юсуф гуфт: «Эй писарам, ин башорат аст. Локин инро барои бародаронат нақл накун, чунки онҳо туро ҳамчун бародар дӯст намедоранд.

Агар хоби дидаатро барои онҳо нақл намоӣ бар ту кинаву ҳасад мегиранд ва бадбиниашон нисбати ту зиёдтар мешавад, шайтон (лаънати Худо бар вай) бародаронатро бар душмании ту ёрӣ медиҳад.

## ҲАСАДИ БАРОДАРОН

Юсуф (а) аз модараш бародаре дошт ва падараш ҳазрати Яъқуб (а) ӯро низ мисли Юсуф дӯст медошт, чунки онҳо нисбати бародарҳои дигар итоаткор буданд ва инро бародарҳои калонӣ ҳис мекарданд. Боре онҳо бо якдигар чунин машварат карданд: Оё ҳис мекунед, ки падарамон Юсуф ва бародариӯро зиёдтар дӯст медорад? Сипас иттифоқ карданд, ки Юсуфро бикушанд, локин бародари калонӣ ба ин амал розӣ нашуда гуфт: «Юсуфро накушед,ӯро дар чоҳ партоед, роҳгузарон ӯро хоҳанд гирифт». Ҳамин буд тасмими онҳо барои халос шудан аз Юсуф. Баъдан бародарон назди падар рафта бо макр гуфтанд, ки «Юсуфро фардо ҳамроҳи мо бифиристед то каме ғубори дил барорад...». Падар баъди таъкиди зиёде Юсуфро бо онҳо фиристод...

## ҒУЛОМБАЧАЕ БО НАРХИ АРЗОН

Бародарон бегоҳӣ гирён - гирён назди падар омада чунин дурӯғ гуфтанд: «Эй падар вақте ки шуғли бозӣ будем, аз Юсуф бехабар мондем ва ӯро гург хӯрд...». Падар аз ин хабар ғамгину маъюс гашта оҳу нола кард...

Савдогароне, ки аз назди он чоҳи Юсуф партофташуда мегузаштанд, хостанд ҷуръае об нушанд. Вақте сатилро боло карданд, диданд, ки Юсуф овезон шуда аз он боло мебарояд. Савдогарон ӯро бо худ ба шаҳри Миср бурда он ҷо бо нархи арзон ба савдояш гузоштанд. Юсуфро шоҳи Миср харидорӣ намуда ба завҷаи худ гуфт:

Ҳамин писарбачаро хуб тарбия намо, шояд вақте калон шавад моро фоидае биёрад ё ҳамчун фарзанд қабулаш мекунем».

## НАЙРАНГИ МАЛИКА

Баъди наҷот ёфтани Юсуф ӯро имтиҳони наве дар пеш буд. Юсуф ба малика хеле маъқул шуда буд ва ӯро дӯст медошт. Локин Юсуф ба малика ҳеҷ эътиборе намедод. Рӯз аз рӯз муҳаббати малика нисбати Юсуф зиёда мегашт ва билохира ӯро ба зино даъват намуд. Юсуф аз ин пешниҳоди малика рӯй гардонида онро қабул накард ва чунин посух дод: Худо маро аз ин феъли бад нигоҳ дорад, Худованд моро мебинад ва амри Худовандист, ки мо бояд аз чунин амали бад дури ҷӯем.

Баъдан малика ба хотири расидан ба мақсади нопоки хеш зуран Юсуфро ба оғӯш кашид ва ҳангоме, ки Юсуф худро аз чанги он маккора дур андохтанӣмешуд, ногаҳон куртааш дарид. Чун шоҳ аз ин ҳол воқиф гашт, малика бардурӯғ Юсуфро тӯҳмат кард, ки бар домани ӯ дастдарозӣ намудааст. Баъдан шоҳ амр кард, то Юсуфро ба зиндон партоянд.

## ДАРДО, КИ РОЗИ ПИНҲОН

Қиссаи муҳаббати зани шоҳ бо ғуломаш байни занҳо овоза шуд. Малика занҳоро ба хонаи худ даъват намуда дар назди онҳо таому мевагӣ гузошт. Сипас Юсуфро амр намуд, то ки ба назди онҳо биёяд. Чун Юсуф вориди хона гашт ҳусну ҷамоли беҳамтои ӯ ҳамагон моту маҳбут гардонд ва онҳо сеҳри ҷамоли Юсуф гашта ангуштони худ буриданд ва гуфтанд: «Худовандо, ин башар нест, ин фариштаи гиромӣ аст, магар?».

Дар ин ҳангом малика фарёд зада гуфт: «Ин ҳамон Юсуф мебошад, ки шумо маро барои ӯ шуда маломат мекардед. Аз ҷамоли ӯ шумо сеҳр гашта тоқат накардед ва ангуштони худ буридед, ман бошам бо ӯ дар як қаср зиндагӣ мекунам. Агар даъвати маро рад кунаду ба ман нарасад ва бо ман ишқварзӣ накунад, зери азобу шиканҷа қарор хоҳад гирифт ва як умр зиндонӣ хоҳад шуд».

## ЗИНДОН АЗ ЗИНО БЕҲТАР

Суханони маликаро шунида Юсуф гуфт: «Зиндон беҳтар аст барои ман аз он чизе, ки маро даъват мекунӣ ба сӯи он».

Додаракони азиз, ба хотире ки Юсуф назди Хқдованд поку беолоиш монад, зиндонро ихтиёр кард. Хоҳиши малика назди шавҳар дар мавриди зиндонӣкардани Юсуф фармон буд. Юсуфро кунҷи зиндон партофтанд, аммо ӯ аз ин ҳаросе надошт ва шукрона назди Худованд ба ҷо меовард, ки ӯпарҳезкору Худотарс аст ва аз кори баде худро дар канор гирифт.

## ҲАМРОҲОНИ ЮСУФ

Зиндонӣ гаштанро Юсуф барои худ фурсати муносибе дар мавриди даъват ва имон овардани дигарон медонист. Ҳамроҳ бо Юсуф

дар зиндон ду ҷавони дигаре буданд. Онҳо дар шахсияти Юсуф марди ботақво ва солиҳро медиданд ва ҳурмату эҳтироми ӯ ба ҷо меоварданд. Боре он ду нафар саҳар аз хоб бедор шуда ба назди Юсуф омада гуфтанд, ки хобҳои даҳшатноке дидаанд. Яке гуфт: Дар хоб дидам, ки оби ангур меҷафам. Дуввумӣ гуфт: Дар хоб дидам, ки нонҳои зиёде болои сари худ мебарам ва паррандаҳо аз он нонҳо мехӯранд. Ва таъбири хоби худ аз Юсуф пурсиданд.

## РОҲИ ЮСУФ

Ҳазрати Юсуф шод шуд, зеро ӯ фаҳмид, ки зиндониён ӯро дӯст медоранд. ӯхост аввал суханро аз имону боварӣ шурӯъ намуда, сипас таъбири хобҳои онҳоро гӯяд. Баъдан гуфт: «Ман бутҳоро напарастидам ва онҳоро ҳамчун Худо нашинохтаам, ба Аллоҳи ягона имон овардам ва барои ӯ таслим шудам. Кадоме аз ин ду роҳ беҳтар аст, эй дӯстон? Оё боварӣ ба Худо, ки офарандаи дунё ва инсон аст беҳтар нест? Ман Расули Худо ба сӯи мардум мебошам ва хобҳои дидаи шуморо таъбир хоҳам кард, иншоолоҳ хобҳои дидаатон амалӣ мешаванд. Таъбири хоби аввал ин аст, ки шахси хобдида аз зиндон мебарояд ва соқии шоҳ хоҳад шуд. Таъбири хоби дуввум он аст, ки хобдида кушта хоҳад шуд.

## ҚОИЛ ШУДАН

Аввалӣ ҳамчуноне, ки Юсуф (а) гуфта буд аз зиндон саломат баромад. Юсуф (а) пеш аз хориҷ шуданаш аз маҳбас ӯро таъкид намуд, ки ба шоҳ расонад, ки Юсуф (а) ба ноҳақ зиндонӣ шудааст. Локин ӯ фаромӯш кард ва ба шоҳ чизе нагуфт, магар баъди чанд сол, вақто шоҳ хобе дид ва талаб намуд, ки таъбирашро гӯянд. Дар он ҳол ин ҷавон Юсуф (а) -ро ба ёд овард ва гуфт, ки Юсуф (а) хобро таъбир мекунад. Юсуф (а) -ро ба назди шоҳ оварданд ва ӯ хоби дидаи шоҳро таъбир кард.

Шоҳ дар тааҷҷуб монд ва амр кард то Юсуф (а) -ро аз зиндон озод намуда ба назди шоҳ баранд, вале Юсуф розӣ нашуд ва гуфт, ки то бегуноҳ буданам ошкор нашавад аз зиндон намебароям. Малика завҷаи шоҳ қоил шуда гуфт: Дар ҳақиқат Юсуф (а) гуноҳ надорад, гунаҳгор ман ҳастам, зероӯро ба фаҳш барои худ талаб намудам, ӯ

қабул накард, бинобар ҳамин ӯро зиндонӣ кардам. Дар асл ӯ бегуноҳ ва мазлум аст.

## ВАЗИРИ МОЛИЯ

Аз ҷиҳати ахлоқи олӣ ва сифатҳои карима доштанаш ва бисёр хубу дуруст таъбир кардани хоби подшоҳ ба Юсуф (а) мукофоти хоҳиши худаш раисии молияи мамлакатро доданд. Обурӯю кордонии Юсуф (а) дар шаҳрҳо ва мамлакатҳои ҳамсоя паҳн шудан гирифт. Мардум барои тиҷорату савдо ба назди ӯ меомаданд, ки дар байни онҳо бародаронаш низ буданд. Онҳо ӯро нашинохтанд, аммо ӯ бародаронашро шинохт, вале ҳурмату иззаташонро баҷо оварда ба онҳо гуфт: Ҳар чӣ мехоҳед ман бароятон медиҳам ба шарте, ки чун дафъи дигар омадед он бародаратонро, ки дар хона аст ҳамроҳ биёред, то ба ӯ ҳам чизе бидиҳам.

Онҳо гуфтанд: падарамон иҷоза намедиҳад, ки мо ӯро дар сафарҳо бо худ бигирем, локин мо кӯшиш менамоем то падарамонро қонеъ гардонем ва дафъаи дигар ӯро низ бо худ биёрем.

Вақте, ки онҳо ба хона расиданд ва бо падарашон сӯҳбат намуданд аввал ӯрозӣ нашуд, локин матоъҳои онҳоро кушода дид, ки тамоми он чизҳое, ки барои фурӯш бурда буданд ягон чизашро Юсуф (а) нагирифтааст, баъди таъкидҳо ва васиятҳои зиёде розӣ шуд, то писари хурдиашро ҳамроҳи онҳо фиристад.

Корвон ба шаҳри Миср расид Юсуф (а) хеле шод шуд ва дар хилват ба бародараш гуфт: «Ман бародари ту ҳастам. Ман Юсуф (а) мебошам ва кӯшиш менамоям то ту дар назди ман бимонӣ." Баъди чанде бародаронашро барои бозгашт омода сохт ва борҳояшонро бастанд.

Ва дар халтаҳои бародараш бо супориши Юсуф (а) тарозуи шоҳро гузошта, сипас гуфтанд, ки тарозу гум шудааст, амр шуд то борхалтаҳои мусофиронро тафтиш намоянд, дар вақти тафтиш тарозу аз борхалтаи бародаре, ки аввалин бор омада буд ёфта шуд, ва ӯро ҳукм бароварда зиндонӣ карданд. Ҳамаи ин барои он буд, ки то бародари Юсуф (а) дар Миср монад.

Бародари калонӣ чизеро нафаҳмида ғамгин шуда гуфт: Ман ҳаргиз наметавонам бе бародари хурдӣ ба назди падарамон биравам, шумо биравед ва ҳодисаро ба падарамон нақл намоед ва гӯед: Писарат дуздӣкард.

## ҒАМУ АНДӮҲИ САХТ

Вақте, ки Яъқуб хабари фарзандашро шунид аз ғаму андӯҳ ва гиряи бисёр чашмонаш оқибат нобино шуданд. Сипас ба фарзандонаш гуфт: Аз раҳмату меҳрубонии Худованд ноумед нашавед ба шаҳри Миср рафта бародаронатро ҷустуҷӯ намоед. Бародарон ба шаҳри Миср рафтанд ва ҳикояи падарашонро дар назди Юсуф (а) нақп карданд. (Онҳо то ҳол ӯро намешинохтанд). Дар ин ҳангом Юсуф (а) гуфт: Оё шумо он чӣ пештар ба бародаратон Юсуф (а) кардед фаромӯш намудед?

Баъди ин савол онҳо ба чеҳраи Юсуф (а) хубтар нигоҳ карданд ва ба як овоз гуфтанд: «Оё дар ҳақиқат ту Юсуф ҳастӣ?!». Юсуф (а) дарҳол ҷавоб дод: Оре, «Ман Юсуфам ва ин бародари ман аст. Дар ҳақиқат касе, ки парҳезкор ва сабр намояд Худованд зоеъ намекунад аҷру музди хубкоронро».

## ВОХУРӢ

Бародарон аз Юсуф (а) талаб намуданд то аз онҳо гузашт намояд ва онҳоро бубахшад. Ҳазрати Юсуф (а) қабул намуд ва куртаашро ба бародаронаш дод то курта муждае барои падарашон бошад. Юсуф (а) ба бародаронаш гуфт: Аҳлу аёлатонро ҳамроҳи худ биёред. Вақто бародарон назди падар расиданд ва куртаи Юсуф (а) -ро ба падар доданд, чашмони падар бино гаштанд. Фарзандон аз падари худ мехостанд, то аз гуноҳи хатогии онҳо дар гузарад, падар ҳам онҳоро авф намуд ва бахшид.

Сипас ҳамаашон ба шахри Миср назди Юсуф (а) омаданд. Ҳазрати Юсуф (а) падарашро бар минбар шинонд ва бародарон ҳама дар назди падар меистоданд. Хобе, ки Юсуф (а) дар кӯдакиаш дида буд амалӣ шуд.

Дар ин ҳол Юсуф (а) гуфт: «Эй Парвардигори ман маро подшоҳи додӣ ва омухтӣ маро аҳодис. Эй пайдокунандаи осмонҳо ва замин, Туӣ корсози ман дар дунё ва охират, мусалмон бимирон маро ва пайванд кун маро ва солиҳонро.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-Х
## ПЕШВОЯМОН ШУАИБ (а) ЗУЛМИ БУЗУРГ

**Дар атрофи Шом қавме зиндагӣ мекард, ки Худованд барои онҳо хайру баракати зиёде ато карда буд. Ин қавм, ки қадри неъматҳои Худовандро надонистанд, ба офаранда ва ато кунандаи ин неъматҳои фаровон кофир шуданд.**

Он кофирон Худои ягонаро бовар накарда як навъ дарахтеро ба номи «Айкат» парастиш мекарданд. «Айкат» як навъ дарахти сершоху барги мулоими боҳам печида аст. Онҳо ба парастиши ҳам он дарахт одат карданд ва ҳамон дарахтро худои худ хонданд. Ҳамин тавр фарзандон пайравони падару бобою аҷодҳояшонро намуда, солҳову асрҳо ба хотир намеоварданд, ки аз ин кори хато ва нодурусту шайтонӣ тавба намоянд, аклҳояшонро кор фармуда дарахтпарастиро тарк намуда Худованди якторо парастиш намоянд.

Куфру нобоварии онҳо ба Худованди таъоло зиёд шуда мардумозорӣ ва ҳаққи якдигархӯрӣ дар байни онҳо авҷ гирифта буд. Онҳо ба дараҷае расида буданд, ки агар чизе мехариданд, кӯшиш мекарданд, ки пули додаашон ба ҳарсурате, ки набошад  зурӣ ё фиребу найранг зиёдтар бигиранд, баръакс агар чизе мефӯрухтанд ҳушу гӯшашон дар он буд, ки чӣтавр харидоронро фиреб дода пули зиёдтар гиранду матоъи камтар диҳанд ва ё аз тарозу мезаданд.

Худованди бузург тамоми навъи фиребу найрангро ҳаром шуморида мефармояд: «Вой бар ҳаққи мардумкоҳандагон. Онон, ки чун барои худ вазн кунанд ба сахтӣ ва пурра бигиранд. Ва чун хоҳанд, ки барои касе вазн кунанд зиён расонанд».

## КӢ ВАЗИФААШРО ИҶРО МЕКУНАД?

Ҳамаашон дар зулму гумроҳӣ ва ҳаққи мардумхӯрӣ зиндагӣ мекарданд ва ҳар кадоми онҳо фикр мекард, ки чӣ тавр дар вақти хариду фурӯш бо роҳи фиребу найранг зиёдтар фоида бигиранд ва ба дигарҳо зарар расонанд.

Аҷабо, оё дар ҳамин шароити фасод касе пайдо мешуда бошад, ки ҳаққи худ ва мардумро риоя намояд ва мардумро фиреб надиҳад? Бале. ӯ яке аз ҳамин мардум аст, номаш Шуайб. ӯ шахсе буд, ки ҳаққи худ ва мардумро риоя менамуд ва хушахлоқу бофикр буд. Худованд ӯро ҳамчун пайғамбар барои мардум фиристод то онҳоро аз ин гумроҳӣ, фасод ва корҳои бад наҷот диҳад. Худованд Шуайб (а) - ро бо далелу мӯъҷиза ёрӣ медод, то онҳо аз парастиши «Айкат» (дарахтест) рӯй гардонида дар хариду фурӯш, мардумфиребӣ накунанд.

## ДАЪВАТИ ШУАЙБ (а)

Ҳазрати Шуайб (а) мардумро ба роҳи дуруст даъват менамуд, ба онҳо мефаҳмонд, ки чӣ тавр онҳо ба ин роҳи нодуруст ва парастиши дарахтҳо расиданд. Шуайб (а) аввалан онҳоро ба парастиши Худои ягона даъват намуда, аз онҳо талаб менамуд, ки парастиши дарахти «Айкат» - ро тарк намоянд. Сипас ба сӯи масъалаи дуввум гузашта ба онҳо гуфт:

Эй мардум, дар вақти баркашидан бо тарозуҳо якдигарро фиреб надиҳед, ҳаққи якдигарро нахӯред. Зеро, ки ин кор ҳаром аст. Ҳаққи мардумро дар хариду фурӯш бидиҳед ва адолату инсоф намоед. Дар акси ҳол Худованд барои куфру ноадолатӣ азобашро мефиристад.

## ҶАВОБИ МАРДУМ

Вақте, ки мардум суханҳои Шуайб (а) - ро шуниданд, чунин ҷавоб доданд: - Эй Шуайб, намози ту мефармояд, ки мо ибодату парастиш намоем он чиро, ки аҷдоду гузаштаҳои мо парастиш накардааст? Агар бо мардум дар хариду фурӯш дуруст муомила намоем, чӣ тавр, аз куҷо фоида мегирем? Эй Шуайб, чӣ тавр ту моро аз дини меросӣ ва аҷдодиамон манъ менамоӣ. Касоне, ки пеш аз мо буданд ба ин дин имону бовар доштанд ва онро барои мо мерос доданд. Моро ба ҳоли худамон гузор ва зиндагиамонро фосиду вайрон насоз.

Оё ту ҳамон кас нести, ки дар байни мо бо ақлу идроки худ машҳур будӣ? Оё ҳамин аст насиҳати ту барои мо? Чаро моро ташвиқ наменамоӣ, то ба ҳар роҳ молу фоидаи зиёдтар барои деҳаи худ биёрем? Биё бо мо ва мисли мо бош, дар акси ҳол моро бо ҳоли худ гузор, мо ҳаргиз фикру хоҳишоти худро дигар нахоҳем кард.

## ИСТОДАГАРӢ ДАР ДАЪВАТ

Дар муқобилӣ ҷзвоби онҳо Шуайб (а) сухани сахте нагуфт, балки бо мулоиматӣ ва мавъизаҳои хуб, сабру таҳаммул намуда онҳоро насиҳат менамуд. Мегуфт, ки ӯ насиҳаткунанда ва расули Худост, локин саркашии он қавм зиёдтар мешуд.

Сипас Шуайб (а) барои қавмаш гуфт: - Эй мардум, ҳарчанд шумо сангдилӣва сахтӣ намоед, ман аз даъвати худ ба сӯи дини Худо

нахоҳам истод. Парвардигорам маро амр менамояд, ки мардумро ба сӯи дини ҳақ даъват намоям, ман ҳаргиз танбалӣ ва сустӣ наменамоям ва ҳаргиз аз ин амри бузург манъ шуданӣ нестам...

Эй мардум ... Ин дини ман аст. Ин равшании Худовандро парастиш намоед ва ба ӯ касе ё чизеро шарик наёред. Эй мардум, дар вақти хариду фурӯш адолат намоед ва ҳаққи мардумро нахӯред.

## БАЁНИ ОҚИБАТ

Ҳазрати Шуайб (а) ҳис намуд, ки қавмаш рағбат надорад, ки ба Худованд бовар намоянд ва аз онҳо саркашии ошкорро медид. Бинобар ҳамин ӯонҳоро аз азоби Худованд тарсу бим медод, аз онҳо талаб менамуд, то ки аз гуноҳу саркашӣ парҳез намоянд, оқибати бади куфру гумроҳиро барои онҳо мефаҳмонд. ӯ таъкид мекард, ки аз азоби Худованди таъоло он кас наҷот хоҳад ёфт, ки корҳои хуб намояд ва ба Худованди якто имон оварда ба ӯ касеро шарик накунад.

## ТАСМИМИ МАРДУМ

Вақто, ки Шуайб (а) мардумро аз фосиду вайрон будани ақидаашон воқиф намуд, боз баён намуд, ки бо он одатҳои меросӣ ягона зулму ҷабр барои худ менамоянд... Модоме онҳо фаҳмиданд, ки корҳояшон хатост ва он чизе, ки Шуайб мегӯяду даъват манамояд ҳақ ва дуруст аст ба дашному бадгӯйигузашта гуфтанд:

- Намефаҳмем ту чӣ мегӯӣ ва сухани туро дигар шунидан ҳам намехоҳем, агар аз ин суханҳо ва даъватат боз наистӣ туро зери азобу шиканҷа хоҳем гирифт. Дар ҳақиқат ту як шахси мустазъаф ва камқувват ҳастӣ, мо ба хотири хешу таборӣ бо ту муқобила ва ҷанҷол наменамудем ва эҳтиромат менамудем, локин бас аст, мо дигар туро намегузорем, ки даъвататро идома диҳӣ ва боз такроран ба ту мегӯем: Он чиро падару бобоҳоямон парастиш менамуданд, мо тарк намекунем, дигар намехоҳем, ки ту миёни мо бошӣ.

## БОЗ ДАЪВАТ

Расули Худо ба онҳо чунин ҷавоб дод: Имон оварданатон ба Худо ва қадрдониатон нисбати неъматҳои Худо беҳтар аст бароям аз ин, ки барои хешу таборӣ шуда маро эҳтиром менамоед. Таҳдиду тарс

додани шумо ба қуввататон ҳеҷ фоидае надорад. Худованд аз ҳама ғолибтар аст ва ӯзотест, ки маро кӯмаку ёрӣ медиҳад ва шумо шикаст хоҳед хурд.

Ман ба ёрии Худованди таъоло эътимоду боварӣ дорам ва он чӣ шумо аз корҳои баду норавое, ки анҷом медиҳед ва насиҳатҳо ва роҳнамоиҳое, ки ман мекунам он ҳамаро Худованд мебинад. Дар ҳақиқат агар имон биёрем Худованд моро фаромӯш намекунад, агар кофир ҳам шавед Худованд доно ва биност. Худованд бо мӯъминон аст, на бо кофирон ва шахсони боимонро ёрӣ медиҳад. Ин ҷоҳу мартабае, ки доред шуморо фоида намекунад, ба сӯи Худо баргардед, тавба намоед, ибодати нодурусту нораворо тарк созед ва аз куфру залолат баргардонед.

## НАТИҶАИ ДАЪВАТ

Даъвату таблиғи бардавоми Шуайб (а) беҳуда нарафтанд, баъзе мардуме буданд, ки суханҳои дурусту маъқули Шуайб (а) - ро шунида дилҳояшон кушода шуда ақлҳояшон ба кор даромада ба Худои якто ҳамроҳи Шуайб (а) имон ва бовар намуданд ва ба дини Ислом бе ягон дудилагӣ дохил шуданд.

Оллоҳ таъоло онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намуд. Пас онҳо имон оварданд, локин шумораи онҳо хеле кам буданд. Расули Худо шод шуданд ва Худованди меҳрубонро шукру сипос мегуфтанд. Аммо қисми зиёди мардум дар чӣ ҳол буданд? Оё баъди имон овардани гурӯҳи каме кофирон ором нишастанд?

## ТАЛАБИ АЗОБ

Кофирон аз бисёр шудани мусалмонон ва ривоҷ ёфтани дини Ислом тарсида ба назди Шуайб ва мусалмонон рафта гуфтанд:

- Мо шуморо аз шаҳри худ берун мекунем ва намегузорем, ки динатонро ривоҷ диҳед ва онро нашр намоед. Баъдан Шуайб (а) -ро дурӯғгӯ бароварда гуфтанд: - Дар ҳақиқат ту ҷодугару дурӯғгӯ ҳастӣ, агар пайғамбару набии ҳақиқӣ бошӣ канӣ он азобе, ки моро метарсонӣ? Аз Худоят бихоҳ то болои мо аз осмон сангпораҳои ҳалокатовар бирезад? Агар ту ростгӯ ҳастӣ аз Худоят бихоҳ болои мо азоб биёрад? Эй Шуайб, дуо кун Парвардигоратро, ку бубинем ва оё

дуои туро қабул мекунад? Оё ту ва касоне, ки ҳамроҳи ту ҳастанд Худоят ёрӣ мерасонад?

## ЁРИИ ХУДОВАНД

Ҳазрати Шуайб (а) дуо намуд то Худованди таъоло кофирон ва мушриконро ҷазои сазовор бидиҳад. Худованди бузург дуои паёмбарашро қабул намуда азоби сахтеро болои кофирон овард. Ҳаво чунон гарм шуд, ки дигар дар соя нишастан ва об нушидан ҳеҷ фоида надошт. Абри сиёҳ осмонро пушонид, раъду барқ ва чароғакҳо гӯшҳоро кару чашмҳоро нобино месохтанд. Кофирон ҳис мекарданд, ки замин сахт ларзида истодааст.

Тарсу бим тамоми ҷоро фаро гирифта кофирон сарсону саргаранг ба ин тарафу он тараф медавиданд, локин дигар аз азобу аз марг онҳо роҳи халосӣ надоштанд. Кофирон худашон азобро талаб намуданд ва бо ҳамон азоби талаб кардаашон нобуд шуданд. Ин ҷазои онҳо дар дунё буд, дар охират, рӯзи қиёмат азоби дардноке онҳоро домангир хоҳад буд.

## ҲАҚ ҒОЛИБ АСТ

Баъди ҳалок шудани кофирон Шуайб (а) ҳамаро дида гузаштаи онҳоро ба ёд овард, ки чи гуна дар куфру нобоварӣ ва мардумфиребӣ ғутавар буданду гуфтаҳои Худову расули ӯро масхара мекарданд. Ҳамаро ба хотир оварда чунин гуфт: «Эй қавм, дар ҳақиқат ман гуфтаҳои Парвардигорамро барои шумо расондам, шуморо насиҳат кардам, пас чи гуна афсӯс бар қавми кофирон хӯрам?».

Шумо низ эй додаракону хоҳаракони меҳрубон бар кофирон афсӯс нахӯред. Чунки онҳо насиҳату даъвати шуморо ба сӯи дини Худо қабул накарданд ва ғайри Худо чизҳоеро парастиш намуданд, ки на фоида ва на зарар мерасонанд.

Дониста бошед, ки ҳақиқат ҳамеша ғолиб аст, агар чи муҳлати вақташ тӯл кашад, даъвати шумо ба сӯи дини Худо ва Ислом натиҷаи хуб меорад, агар босаброна даъвати худро давом диҳем.

Ҳар кофире, ки ба куфру ширк бовар карда далел меорад, ки падару аҷдодаш кофир буданд ва ӯ ҳам бояд кофир бошад ва ба роҳи интихоб кардаи онҳо равад, ё аз подшоҳ ва ҳокими кофир тарсида куфрро ихтиёр намояд, барои мо мусалмонон заруру лозим аст, то

барои онҳо роҳи ҳақ ва дурустро равшан намуда нишон диҳем ва баён намоем, ки ботил агар чи қавм бошад ва тарафдоронаш зиёд бошанд ин маънои онро надорад, ки ин роҳи росту дуруст ва пок аст.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-XI
## ПЕШВОЯМОН МӮСО (а) ТАКАББУРИИ ФИРЪАВН

**Дар сарзамини Миср қад - қади руди Нил қавми Исроил хушу хурсандона зиндагӣ ва аз неъматҳои додаи Худованд истифода мекарданд. Локин зиндагии онҳо ба ин минвол ва ҳамин равиш дер давом накард.**

Дар ҳамин шаҳр оилае буд ба номи авлоди Фиръавн. Ҳамин авлод ҳокими Миср шуд ва роҳбариро Фиръавн ба даст гирифт. Фиръавн бани Исроилро зери азобу шиканҷа гирифта онҳоро ғуломи худ гардонда даъвои Худоӣ намуд. Фиръавн аз бани Исроил талаб намуд то, ки ӯро парастиш намоянд, дар баробари ин азобу шиканҷаро болои авлоди Исроил зиёд намуд. Фиръавн калонӣ мекард ва зулму ситамро зиёд менамуд, мардум дар бадбахтӣ ва сахтӣ ҳаёт ба сар мебурданд. Фиръавн ва ҳаммаслаконаш мардумро бераҳмона азобу шиканҷа медоданд.

## КУШТАНИ БАЧАҲО

Фиръавни саркаш ва кофир намехост, ки бани Исроил лаззати озодӣ ва қувватро дарк намоянд, ӯ мехост то бани Исроил ғулом ва навкари фиръавниён ва хору зору хизматгор бошанд. ӯ мехост хонадони Фиръавн ба ҳокими ва сардорӣ боқӣ монад, бинобар ин фармоне содир кард, ки ҳар кӯдаке, ки аз бани Исроил ба дунё биёяду он кӯдак писар бошад кушта шавад ва агар духтар бошад боқӣ монад.

Аскарон ва ҷаллодони Фиръавни хунхор мувофиқи фармонаш ба ҳар хонае сар мезаданд ва дар он хона агар писари навзод пайдо мекарданд ӯро аз падару модараш гирифта мекуштанд. Падару модари бечора аз тарси аскарони Фиръавн маҷоли сухан гуфтан надоштанд, фақат барои фарзандонашон дарун ба дарун месӯхтанду халос.

## ТАВАЛЛУД ШУДАНИ МӮСО (а)

Зане аз бани Исроил хонашин шуд ва мунтазири таваллуд шудани фарзанд буд. ӯ низ мисли дигар модарон аз он дар тарсу бим буд, ки агар аз ӯ писар ба дунё ояд аскарон ва ҷаллодони Фиръавн он тифлро дарҳол мекушанд.

Лаҳзаҳои каме барои ба дунё омадани тифл монда буд ва модари бечораро аз як тараф дарди зоидан ва аз тарафи дигар фикри тифли оянда азоб медод. Хулоса тамоми занҳои авлоди Исроил ин тарсу ваҳмро барои фарзандонашон дар дил доштанд. Ва оқибат аз модар писар ба дунё омад.

Баъди таваллуд шудани кӯдак модар дар вуҷуди худ бо отифаи модарӣэҳсоси аҷибе намуд ва худ ба худ мегуфт: «Ман намехоҳам фарзандам аз дасти фиръавниён кушта шавад ва намехоҳам аз таваллуд шудани писарам касе хабардор шавад». Модари бечора чи кор карданашро намедонист чун ки аскарони Фиръавн хонаҳоро як -- як тафтиш мекарданд.

## ТИФЛАТРО ДАР ОБ ПАРТО!

Хоҳишу иродаи Худо дар ин мушкилоте, ки барои модар пеш омадааст модарро барои наҷоти фарзандаш роҳнамоӣ мекунад, зеро ки Фиръавн бо куштори тифлон мехоҳад ҳамчун Худо дар болои мардуми Исроил чун ҳоким боқӣ бимонад.

Иродаи Худованди бузург он буд, ки ин тифли навзод сарнагункунандаи Фиръавн ва зулми фиръавниён бошад, бинобар ҳамин ба модари тифл илҳом менамояд: Агар ту аз кушта шудани фарзандат метарсӣ, пас фарзандатро дар сандуқе гузор ва он сандуқро дар дарё парто, дарё он сандуқро ба сӯи Фиръавн мебарад! Локин ту мутмаъин бош, Фиръавн фарзанди туро нахоҳад кушт!

## САНДУҚ ДАР НАЗДИ ФИРЪАВН

Ин тифл Мӯсо (а) буд ва Худованд ин тифли хурдакакро аз кушта шудан нигоҳ дошт. Локин чӣ гуна ӯро бо ин тариқ нигоҳ медорад? Худованди доно бар ҳамаи чиз қодиру тавоност, ваъдаашро амалӣ менамояд.

Модар бо вуҷуди тарсу бим бар фарзандаш мутобиқи амри Худованд ӯро дар сандуқе гузошта сандуқро ба наҳр мепартояд. Наҳр сандуқро мебарад, апаи Мӯсо дунболи сандуқ қад - қади руди Нил меравад то бифаҳмад бо бародараш чӣ хоҳад шуд. Наҳр ба даруни қасри Фиръавн мегузарад ва онҷо сандуқро зане мегирад...

## КӮДАКРО КӢ ТАРБИЯ МЕКУНАД?

Зане, ки кӯдакро аз об гирифта буд дар ҳақиқат завҷаи Фиръавн буд. Онҳо фарзанд надоштанд, бинобар ҳамин завҷаи Фиръавн кӯдакро дӯст медорад ва аз шавҳараш талаб мекунад, ки кӯдакро дар хонаи онҳо монад то ӯро ба фарзанди қабул намоянд. Фиръавн ба суханони завҷааш розӣ мешавад. Тифл аз гуруснагӣ гириставу дасту по мезанад.

Як чанд зани ширдеҳро оварданд, локин тифл синае бар даҳон набурдаву ҳамчунон мегирист. Апаи Мӯсо (а) пушти дарвозаи Фиръавн истода ҳамаи ин ҳолро медид. Баъдан ӯ пеш рафта гуфт: Оё занеро барои шумо нишон диҳам, ки кӯдакро шир диҳад ва баъд бо ризоияти соҳибхона кӯдакро гирифта ба назди модараш овард, тифл ҳамон замон пистони модарро ба даҳон гирифт. Фиръавн дар ҳоле, ки намедонист ин зан модари ҳақиқии тифл мебошад ризоят дод. Бо ҳамин Худованди бузург тифлро ба модари худаш баргардонид, дар ҳақиқат ӯ ваъда дода буд, ки Фаръавн тифлро нахоҳад кушт.

## ХУРСАНДИИ МОДАР

Хурсандии модар ҳадду канор надошт, шумо додаракони азиз тасаввур кунед модар бо фарзандаш хайрбод гуфта ӯро дар сандуқе гузошта ба сӯи душман ва кушандаи тифлон фиристода буд. Локин бо кӯмаки Иллоҳӣ тифл бе ягон осебу зарар ба сӯи модари худ баргардонда шуд.

Дар ҳақиқат Худованди якто нагузошт, ки модари бечора шабу рӯзашро дар фироқи фарзандаш гузаронад, балки тифлашро ба ӯ баргардонид то, ки дилаш ором гирад. ӯ тифлест бузург хоҳад шуд ва фатҳу зафар бар Фиръавну фиръавниён ёбад.

## КУШТА ШУДАНИ МАРДЕ

Муддати ширхорагии Мӯсо гузашт. ӯ ба воя расида ҷавони ботануманд ва боқувват мисли паҳлавонони замони худаш гашт.

Рӯзе аз роҳ мегузашт, дид ки ду нафар бо ҳам ҷангу ҷидол доранд. Ба тарафи онҳо рафт, дид ки якеаш аз қавми ӯст ва дигараш аз қавми Фиръавн. Вақто, ки марди аввал ӯро дид талаби ёрӣ намуда гуфт: «Эй Мӯсо маро аз чанги фиръавниён наҷот деҳ». Мӯсо (а) бар Фиръавнӣ ҳуҷум намуда ӯро муште зад.

Мушти Мӯсо (а) чунон сахт буд, ки Фиръавнӣ дар замин афтида мурд. Ин ҳодисаро кас аз лашкариёни Фиръавн надид ва касе на медонист, ки Фиръавниро кӣ кушт?

## ТАРСУ ВАҲМ

Дар ҳақиқат Мӯсо (а) аз кори кардаан пушаймон шуд, зеро ӯ қасди куштани Фиръавниро надошт ва аз Худованд талаби бахшиш менамуд. Худованд гуноҳи ӯро бахшид. («Дар ҳақиқат Худованд бахшандаи меҳрубон аст»).

Иттифоқан рӯзе боз ҳамон мардро дид, ки бо фиръавние ҷанг дорад ва бо дидани Мӯсо (а) мегӯяд: «Маро. наҷот деҳ (ҳамчуноне, ки бори аввал карда будӣ)», локин Мӯсо (а) гуфтаи он мардро иҷро накард. Фиръавнӣ тарсид ва фаҳмид, ки кушандаи он марди Фиръавнӣ Мӯсо (а) будааст ва гумон дошт, ки ҳозир Мӯсо (а) ӯро низ хоҳад кушт, бинобарин ба Мӯсо (а) гуфт; «Эй Мӯсо оё мехоҳӣ маро бикушӣ ҳамчуноне дирӯз якеро куштӣ?!».

Бо шунидани ин сухан мардум фаҳмиданд, ки кушандаи Фиръавнӣ Мӯсо (а) будааст ва аскарҳои Фиръавнӣ пайи ҷустуҷӯи Мӯсо (а) шуданд, то ӯро ба қатл бирасонанд.

## ТАРКИ ШАҲР

Мӯсо (а) дар ҳайрат аз он монд, вақте ки марде ба назди ӯ омада гуфт: «Эй Мӯсо: Хабаре дар шаҳр паҳн шудаст, ки ҳамон фиръавниро ту куштаӣ ва аскарҳои Фиръавн туро кофтуков доранд, то муҳокима намоянд ва ҷазо диҳанд. «Эй Мӯсо, ту бояд шаҳрро тарк намоӣ, то ҷон ба саломат бибарӣ, дар акси ҳол агар ба чанги аскарон афтӣ онҳо туро мекушанд». Мӯсо (а) суханони он мардро гӯш намуда насиҳати ӯро қабул намуд ва қарор дод, ки аз шаҳр барояд, локин куҷо равад? Ба ҳар ҳол шаҳрро тарк намуд.

ӯ аз шаҳр хориҷ шуда сӯи шаҳри дигаре раҳсипор шуд. Масофаҳои зиёдеро дар саҳроҳо тай намуд.

Дар ҳақиқат Худованди муттаъол ӯро дар тифлиаш аз кушта шудан наҷот дод. Ҳозир бошад ӯ аз шаҳр дур гашт, то ки Худованд ӯро аз кушта шудан нигоҳ дорад. Худованд Мӯсо (а) -ро нигоҳ дошт то, ки дар оянда ба воситаиӯ бани Исроилро аз зери зулму ситам ва асорати Фиръавну фиръавниён наҷот бахшад, ба онҳо фаҳмонад, ки дар муқобили ноадолативу шиканҷаҳои Фиръавн ором нанишинанд. Мӯсо (а) ба сӯи сарзамине, ки дар он қавми Шуъайб (а) сукунат доштанд роҳ пеш гирифт.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-XII
## БОЗЁФТ

**Мӯсо (а) дар шаҳре, ки Маден ном дошт дохил шуда ҷамоъате аз мардумро дид, ки барои чорпоёни худро об додан дар талош буданд ва ҳар касе, ки боқувваттар буд ба зуди зарфҳои худро пур аз обу бузу гӯсфандашро сероб мегардонд. Мӯсо (а) ду ҷавондухтарро дид, ки дар гӯшае бо гӯсфандони худ истода барои об додани гӯсфандон мушкилӣмекашиданд. Мӯсо (а) хост коре карда он дуҷавондухтарро ёрӣ диҳад, то гӯсфандонашонро об диҳанд. Мӯсо (а), ки боқувват буд имкон дошт онҳоро ёрӣ диҳад, то мушкилоти онҳо осон шавад. Қувват ва тавоноӣ дӯстони ман, яке аз неъматҳои бузурги Иллоҳист ва онро бояд муҳофизат кард, чунки мӯъмини боқувват ва ҷасур беҳтар ва маҳбуби Худост. Барои пешвоямон Мӯсо (а) Худованд ҷисму қуввати бардам ато кард ва ӯ мехост заъифонро кӯмак намояд. Додари азиз, вақто, ки қуввату илм як ҷо шаванд ин беҳтар аст то, ки қувват дар роҳи ҳақ ва дуруст сарф карда шавад.**

## ЁРИИ МӮСО (а)

Мӯсо (а) аз ин миён ду ҷавондухтарро аз ҷамъ дуртар дид, ки мехостанд гӯсфандони падарашонро об диҳанд. Ҳазрати Мӯсо (а) пеш рафт аз онҳо пурсид: Мунтазири чӣ ҳастед? Ва чаро ин қадар дур истодаед?

Духтарҳо гуфтанд: Эй мард мо мунтазири он ҳастем, ки мардум чорпоҳояшонро об дода бозгарданд ва атрофи чашма аз мардум

камтар шаваду баъд аз он мо гӯсфандонамонро об диҳем. Мо бинобар зарурат омадаем, падарамон муйсафеди пир ва бемор аст. Бинобар ин мо ба ночор гӯсфандонро барои об додан овардаем ва чӣ тавре, ки шумо мебинед бояд мунтазир бошем.

Вақте, ки Мӯсо (а) суханони духтаронро шунид фаҳмид, ки онҳо эҳтиёҷ ба ёрӣ доранд, бинобар ин гӯсфандони онҳоро аз чашма об дод ва боз чорпоёнро ба онҳо баргардонид. Ҷэвондухтарон аз Мӯсо (а) изҳори ташаккур гуфта, бо чеҳраи болида роҳ сӯи манзилашон пеш гирифтанд. Мӯсо (а) бошад дар сояи дарахте нишаста забон ба шукри Худо кушод. Парвардигорам. Ман бандаи фақир ва муҳтоҷи Ту ҳастам, аз Ту ёрию меҳрубонӣ мехоҳам, зеро дар ин сарзамин на хонаву ҷой ва на молу амволе дорам ва на коре карда метавонам.

## ДАЪВАТИ ДУХТАРОН АЗ МӮСО (а)

Ба тезӣ баргаштани духтарон ба хона падарашонро дар тааҷҷуб овард ва падар сабабашро аз духтаронаш пурсон шуд. Духтарон ҷавоб доданд, ки марди мусофире онҳоро ёрӣ намуда гӯсфандонашонро об дод ва ӯ феълан нэзди чашма мебошад.

Муйсафед яке аз духтаронашро фиристод то он ҷавонро ба хонаашон даъват намоянд. Яке аз духтарон шармида - шармида ба назди Мӯсо (а) омада гуфт: Падарам туро даъват менамояд то, ки музди заҳмататро диҳад».

Ҳазрати Мӯсо (а) хеле шод шуд. Дар ҳақиқат Худованд дуои ӯро қабул намуд, ин ризқу рӯзие буд аз ҷониби Худованди беҳамто.Мӯсо баъди он ки шарму ҳаёи духтарро дид фаҳмид, ки тарбияи хуб дидааст, бинобар ин ҳамроҳи ӯ ба назди падари духтар равон гашт.

## ИЗДИВОҶ

Вақте, ки Мӯсо (а) назди пирамард меравад, пирамард бо Мӯсо (а) суолуҷавоби зиёде менамояд, аз ҳолу аҳволаш бохабар мешавад ва мефаҳмад, ки Мӯсо (а) марди бо ақлу идрок мебошад, бинобарин ба ӯ мегӯяд: Ғамгин мабош, Ту дар назди мо ҷой ва кору мол меёбӣ. Сипас яке аз духтарон ба падар мегӯяд: падари азиз, ин мард хеле хушахлоқу поку амонатдор менамояд, ман хоҳиш менамоям то ӯро ба кор гирем ва ӯ гӯсфандони моро нигоҳубин намояд ва дар дигар корҳо ёриамон расонад.

Худованди мутаъол Мӯсо (а) -ро фаромӯш накарда корҳояшро осон ва муваффақ гардонид. Пирамард назди Мӯсо омада ба ӯ чунин тиклиф пешниҳод менамояд: Ман мехоҳам яке аз духтаронамро ба никоҳат дарорам ба шарте, ки ту дар назди мо ҳашт сол бимонӣ ва хидмат намоӣ.

Мӯсо (а) пешниҳоди пирамардро хурсандона қабул менамояд ва яке аз духтаронашро ба занӣ мегирад. Бо ҳамин аз лутфи дуои Худованд Мӯсо (а) оиладор ва соҳиби кору макони тинҷу ором мешавад.

## ХУДО ҲОФИЗӢ

Вақте, ки муддати кори Мӯсо (а) яъне ҳашт сол сипарӣ шуд. Ӯ қасди баргаштан ба ватан намуд. Падарарусаш барои ӯ ва завҷааш гӯсфанду молҷудо намуда ба онҳо дод. Ҳазрати Мӯсо (а) молу амвол, чизу чораашро ғундошта ҳамроҳи завҷааш аз пирамард дуои хайр гирифта ба тарафи Миср раҳсипор шуданд. Бо ҳамин Мӯсо (а) ва завҷааш аз сарзамини пирамард ба тарафи шаҳри Миср баромаданд, сафари тӯлонии онҳо шурӯъ шуд.

## ОТАШРО МЕБИНАМ

Ғарибӣ ва сафари дуру дароз гӯё бар Мӯсо (а) таъсир расонида бошад, ки дар нимароҳ ҷое, ки (Тури Сино) ном дошт, куҷо рафтанашро намедонист. Гирду атроф ҳама торик буд. Саросемавор ба тарафи росту чап медавид, вале фоидае ҳосил намегашт. Локин Худованд ӯро чуноне, ки аз кушта шудан дар хурдсолӣ ва аз қамбағалию нодорӣ нигоҳаш дошта буд, ин дафъа низ ба кӯмаки ӯ расид. Дар ҳамин ҳол Мӯсо (а) дар назди Тури Сино шӯъла ва равшании оташро мебинад ва зуд ба назди завҷааш рафта мегӯяд: Мунтазири ман бош... Ҳозир аз он ҷое, ки оташ месӯзад чуби сӯхта истодае меорам то равшанӣ намуда роҳамонро идома диҳем.

## ИБТИДОИ ПАЁМБАРӢ

Мӯсо (а) хурсандона ба ҷониби равшании оташ шитофт. Вақте, ки он ҷо расид садоеро шунид, ки дар зиндагӣ қаблан чунин садоро нашунида буд. Ин садо ба садои инсон монанд набуд. Бо вуҷуди ин

дар атрофаш касеро намедид ва касе ҳам вуҷуд надошт. Мӯсо (а) - ро ҳайрониву тарс фаро гирифта буд, чун онҷо касе набуд ва Мӯсо (а) меандешид, ки Худоё пас ин садо аз куҷост?

Дар ҳоле, ки тарсу ваҳм тамоми вуҷуди ӯро такон медод чунин ҷавоб шунид: «Эй Мӯсо! Натарс»! Дар ҳақиқат сухану калом аз ҷониби Парвардигори оламиён буд. Он зоти пок, аз Мӯсо (а) талаб менамояд, киӯро ибодат намояд ва бо ӯ касеро ё чизеро ҳамроҳу шарик накунад... Ин оғози паёмбарӣ ва набуввати ҳазрати Мӯсо (а) буд.

Сипас ҳамон садо аз Мӯсо (а) пурсид: «Чист дар дасти ту эй Мӯсо». Яъне чӣ дар даст дорӣ? Мӯсо (а) чунин ҷавоб дод: Дар даст асо дорам.

Ва Мӯсоро аз асояш пурсид то Мӯсо  ваҳм надошта бош, дар ҳақиқат асоят мори  калон бо иҷозати ман мешавад, дастат низ бо ирода ва хоҳиши ман сафед нуронӣ  мегардад. Аз ин лаҳза пас ту паёмбари Худо ҳастӣ. Ман ба ту ду мӯъҷиза додам - яке мӯъҷизаи асо ва дуюмин мӯъҷизаи дастат, ки нурафшони мекунад то ҳамин ду мӯъҷиза ҳангоми даъват ёрирасони ту бошад.

Эй Мӯсо тарсу ваҳм накун, балки бидон ки амру супориш бо қудрату иродаи Худованди тавоно пурра ва амалӣ мешавад ва туро Худованд ба қавми кофирон ғолибу дастболо мегардонад, матарс чунки паёмбарро Худованд ёрӣ медиҳад.

## МӮЪҶИЗА

Дар ҳақиқат иродаи Худованд дар бораи аз асо пурсидани Мӯсо (а) набуд ва чизҳои номбаршудае, ки Мӯсо (а) ҷавоб дод набуд. Парвардигори олам дар бораи он аз асо пурсид, то барои Мӯсо (а) сирру асрори наверо, ки онро намедонад баён намояд:

«Эй Мӯсо асоятро дар замин бипарто!» Мӯсо (а) асоашро дар замин партофт, пас асояш ба як мори калони пурҳайбат мубадал гашт, ки аз ҳаракату калонии он Мӯсо (а) тарсида гурехт. Барои Мӯсо (а) супориш омад: ин мӯъҷиза ва ҳақ аст, натарс ва асоятро бигир мо онро ҳамчунон баъди даст расондан ва гирифтан ба сурати аввалаш бар мегардонем.

Сипас дохил кун дастатро дар бағали худ  вақте, ки дастатро аз бағал хориҷ менамоӣ ӯ нурафшонӣ мекунад, ин мӯъҷизаи дуюмест аз ҷониби Парвардигори олам барои ёрӣ доданат дар даъват намудан.

## МАТАРС

Худованди таъоло Мӯсо (а) - ро мутмаин намуда барои ӯ баён намуда, он чизеро диди мӯъҷиза буданд... Аз он ду мӯъҷиза тарсу ваҳм надошта бош, дар ҳақиқат асоят мори калон бо иҷрзати ман мешавад, дастат низ бо ирода ва хоҳиши ман сафед ва нуронӣ мегардад.

Аз ин лаҳза пас ту паёмбари Худо ҳастӣ . Ман ба ту ду мӯъҷиза додам - яке мӯъҷизаи асо ва дуюмин мӯъҷизаи дастат, ки нурафшони мекунад то ҳамин ду мӯъҷиза ҳангоми даъват ёрирасони ту бошанд.

Эй Мӯсо тарсу ваҳм накун балки бидон, ки ин амру супориш бо қудрату иродаи Худованди тавоно пурра амалӣ мешавад ва туро Худованд ба қавми кофирон ғолибу дастболо мегардонанд, матарс чунки паёмбарро Худованд ёрӣ медиҳад.

## НАЗДИ ФИРЪАВН БИРАВ

Эй Мӯсо бар ту заруру воҷиб аст амру каломи Худовандро амалӣ намоӣ, чунки Ту расули Худо ҳастӣ, мардумро ба сӯи парастиш ва ибодати Худованди якто даъват намо, баъди он ки онҳоро Фиръавн солҳои зиёдест гумроҳ намуда ва ӯро ибодат намуданд. Аввалин кори заруре, ки бояд анҷом диҳӣ назди Фиръавн рафта, ӯро даъват намо ва барои ӯ бирасон, ки ягона Худованди бузург сазовори парастиш мебошад ва Фиръавн ҳамчунон, ки ӯ гумон дорад ва худашро Худо мегирад дар баробари ин эй Мӯсо Ту ду мӯъҷиза дорӣ.

Бо ҳамин ду мӯъҷиза ба сари Фиръавн бирав ва ӯро ба роҳи рост ба дини Худо даъват намо мӯъҷизаҳо туро ёрӣ медиҳанд ва каломатро таъид мекунанд, ба иҷозати Худованд бар мардум ва бар кофире, ки Фиръавнро ибодат ва парастиш мекунанд ғолиб хоҳӣ шуд. Мӯсо (а) сухан ва амру супориши Парвардигоро шунида ва ба сӯи Фиръавн ҳамчун Паёмбар ва Расули Худованди таъоло равон мешавад.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-XIII
## ДАЪВАТ

**Пеш аз он, ки Мӯсо (а) ба сӯи Фиръавн биравад дасҳояшро бардошта Парвардигори оламро муҳтоҷона нидо намуд: «Парвардигоро дар ҳақиқат Ту медонӣ, ки ман дар ватанам будам, назди Фиръавн ва фиръавниён, онҳо ҳоли ҳозир маро**

**кофту ков доранд, то моро дар ивази марде, ки куштаам бикушанд. Парвардигоро ман аз он метарсам, ки дар ватанам бирасам ва онҳо (фиръавниён) маро бикушанд ва даъватамро натавонам, ки амалӣнамоям, эй Парвардигори ман: («Дилу синаи маро кушода бигардон, кори маро бароям осон ва саҳл намо»).**

«Эй Худованди ҷахон Ту медонӣ, ки забони ман эҳтиёҷ ба кушодагӣ ва фасиҳи дорад, чунки забони ман ва сухангӯиям он қадар хуб нест, маро кӯмак намо то, ки суханам бурро, қавӣ ва устувор бошад». «Эй Худованди ман, бародарам Ҳорунро иҷозат деҳ, ки маро ҳам ҳамроҳӣ кунад ва бо ман ба сӯи Фиръавн равад ва дар даъват ва паёмбарӣ маро ёрӣ расонад, ҳаминро эй Парвардигорам аз Ту умед дорам ва Ту ҳоли маро хуб медонӣ».

Ҳамаи паёмбарон ва расулон аз Худованди мутаъол талаби ёрӣ намудаанд, чунки вазифа ва масъулияти паёмбарӣ кори саҳлу осон нест. Дар ҳақиқат Худованд бандагони мӯъмин ва даъваткунандагони роҳи ҳақро фаромӯш намекунад.

Парвардигори ҷаҳон медонад паёмбарон ҳаргиз аз супориш ва авомири канораги намекунанд, бо ҳамин Худованд онҳоро бо мӯъҷизаҳо қуввату ёрӣмедиҳад. То паёмбарон бо ҳуҷҷату далел бошанд бо вуҷуди ин, ки кофир намехоҳад имон биёрад ва бовар намояд ӯро мӯъҷиза фоида намекунад, агар чанде бо забони худ аз паёмбар мӯъҷизаро талаб намояд.

Барои мо мӯъминон ва уммати Муҳаммади Мустафо (с) мӯъҷизаи доймӣ ва пурқувват ва собиту ҳамешагӣ ва пурратар аз мӯъҷизаҳои дигар паёмбарони гузашта вуҷуд дорад, он мӯъҷизаи охирин Қуръони Карим аст, ки мо таълим мегирем ва меомӯземаш ва бо ӯ дуо ва ҳукм менамоем. Парвардигоро Худовандо моро бо таълимоти Қуръон ёрӣ ва кӯмак намо.

## МӮСО (а) УСТОДИ ШУМОСТ

Қиссаи ҳазрати Мӯсо (а) – ро идома медиҳем… дидем, ки Фиръавн соҳирону ҷодугаронро ҷамъ намуд то, ки ба Мӯсо (а) мубоҳиса намоянд, чизеро, ки Фиръавн мунтазир буд руй дод ва соҳирону ҷодугарон ба Парвардигори Мӯсо (а) ва Ҳорун имон оварданд ва Худованди якторо саҷда карданд. Фиръавн дар дил кина гирифт ва хост аз ҷодугароне, ки имон оварданд ва аз Мӯсо (а) интиқом гирад.

Фиръавн ба ҷодугарон рӯй оварда гуфт: Чӣ тавр шумо ба ин ҷодугар имон меоред ва боз мегӯед, ки ӯ паёмбари Худост? Чӣ гуна шумо дигар Худоро ғайри ман парастиш менамоед? Бе иҷозати ман ба Худо имон меоред ва пайравии Мӯсоро менамоед? Мебинам, ки шумо бо Мӯсо (а) иттифоқ кардаед, ҳамаатон бо фиребу найранг зидди ман кор мекунед. Мӯсо (а) устоди шумо мебошад ва шумо мехоҳед маро нобуд созед!

## ДАР ҲАҚИҚАТ МО ИМОН ОВАРДЕМ

Фиръавн суханашро идома дода гуфт: Барои имон оварданатон ба Худои дигар ғайри ман, ончунон азобатон хоҳам дод, ки дар ҳаётатон чунин азобро надида бошед, дасту поятонро мебурам, ба дарахтон шуморо ба дор меовезам, дар он ҳол хоҳед фаҳмид ман аз Худои нав гирифтаи шумо боқувваттарам.

Соҳироне, ки имон оварда буданд устуворона бе ягон тарсу ваҳм Фираъвнро чунин ҷавоб доданд: Эй Фиръавн! Мо ягон инсонро болотар аз Парвардигор намедонем ва ҳаргиз туро итоат ва ибодат нахоҳем кард. Ҳар коре мехоҳӣ бикун, моро ягон мусибате аз даститу нахоҳад расид, магар он чизе, ки Худованди таъоло барои мо насибу тақдир карда бошад ва мо ба Худованд имон дорем ва мо ба Парвардигори якто имон овардем то, ки хатову, гуноҳу ҷодугариҳои, ки мекардем аз мо дар гузарад ва бубахшад. Худованд аз ҳама ғолибу беҳтар аст, ва мо ҳаргиз барои имон оварданамон аз ту иҷозат нахоҳем гирифт.

## АЗОБ ВА ТАҲҚИР

Соҳироне, ки имон оварда буданд суханҳояшонро идома дода гуфтанд: Эй Фиръавн! Дар ҳақиқат рӯзи қиёмат касе, ки кофиру бедин аст ба азоби дӯзах гирифтор аст, аммо касе, ки мӯъмину хубкору парҳезкор аст биҳишт ҷояш хоҳад буд. Қаҳру ғазаби Фиръавн зиёд шуд ва аскаронашро супориш дод, ки ҳар касе ба Худои Мӯсову Ҳорун имон овардааст, зери азобу шиканҷа гирифта кушта ва ё дор овехта шаванд. Лашкариёни Фиръавн мӯъминонро зери лату кӯб ва азобу шиканҷа гирифта онҳоро мекуштанд ва аз хонаҳояшон меронданд. Ягона гуноҳи онҳо он буд, ки ба Худованди бузург имон оварда ва Худо будани Фиръавнро рад карданд. Худи Фиръавн ва лашкариёнаш низ

медонистанд, ки мӯъминонро гуноҳашон он аст, ки ба Худои ягона имон овärданд.

## АЗ ХУДО ЁРӢ ХОҲЕД

Вақто, ки азобу шиканҷа болои мӯъминон аз ҳад зиёд шуд, назди Мӯсо (а) омаданд ва аз ӯ хостанд то пеши роҳи Фиръавн ва аскарони ӯро бигиранд. Локин ҳазрати Мӯсо (а) чӣ кор карда метавонист? Дар ҳақиқат ҳар як мӯъмин дар роҳи ақида ва имони худ муддате ба мушкилоту сахтиҳо гирифтор мешавад ва бояд бо сабру бурдбор бошад. Мӯсо (а) ба касоне, ки наздаш омада буданд чунин гуфт: «Аз Худо ёрӣ хоҳед ва басабр бошед».

Мӯсо (а) онҳоро насиҳат намуд ва хоҳиш намуд дар муқобили азобу шиканҷаи кофирон ва золимон бурдбор ва шикебо бошанд ва афзӯд: «Вал ъоқибатул лилмуттақин». Яъне оқибат барои парҳезкорону накукорони бо имон аст. Худованди таъоло онҳоро кӯмак ёрӣ медиҳад ва онҳое, ки дар роҳи дини Худо кушта мешаванд биҳишти ҷовидон ҷояшон хоҳад буд.

## МӮСОРО ХОҲАМ КӮШТ

Бар мегардем ба сӯи Фиръавн бубинем чӣ фикру андешаи дигар дорад вақте, ки тамоми дарҳо ба рӯяш баста шуданд ва ягона чизе, ки дар дасташ мондааст ин зури ва қувваաш аст. Фиръавн наздикон ва ҳамроҳони худро як рӯзе ҷамъ мекунад ва аз онҳо мепурсад, роҳи холос ва ҳалли мушкилот бо Мӯсо (а) ва мӯъминони кадом аст, чӣ кор кунем, ки мулк аз дастамон наравад? Устувории ҷодугароне, ки имон овардаанд ва мӯъминон моро хаста кардааст намедонам чӣ кор кунам?

Атрофиёни Фиръавн ҳар кадом доир ба суоли дода ӯ фикрҳояшонро мегуфтанд. Локин Фиръавн фикри ягонтои онҳоро қабул накард ва дар охири маҷлис қарор бароварда гуфт: Мӯсоро ҳатман мекӯшем, роҳи дигар нест, ҳар каре мехоҳад бикунад, ку бубинем Худояш чӣ тавр наҷоташ медиҳад ва аз чанги ман чӣ гуна хулосаш мекунад. Сипас таъкид намуд, «Ҳатман Мӯсоро мекӯшем» Касоне, ки дар он маҷлис будан сукут кардан ва чизе нагуфтанд.

## МӮЪМИНЕ АЗ ХОНАДОНИ ФИРЪАВН

Дар охири маҷлис баъди қарори баровардаи Фиръавн касе чизе нагуфт, ногаҳон ғайри чашмдошти Фиръавн яке аз ҳозирин аз ҷояш хеста бо суханони бурро гуфт: Эй мардум… Оё Мӯсоро барои имон оварданаш ба Худои ягона мекӯшанд? Оё шарм намекунед, оё аз азоби Худованд наметарсед?

Ман, ки хешу табори шумо ҳастам ба Худованди таъоло имон овардам, чаро шумо ноадолати мекунед, чаро мардуми бр имон ва мусалмонро азобу шиканҷа медиҳед ва мекушед. Шумо даъво мекунед, ки Фиръавн Худо ҳаст, бо ин даъвои дурӯғатон, ҳамроҳи Фиръавн ба азоби дардноки Худованди таъоло гирифтор мешавед. Ман шуморо бо сӯи дини Худо, дини ҳақ даъват мекунам, ақлҳои худро кор фармоед ва фикр намоед, дар ҳақиқат Мӯсо (а) дар роҳи ҳақ аст ва ҳар чӣ мегӯяд дуруст аст. Аз Худо битарсед ва ба ӯимон оред.

## САФАРИ МӮЪМИНОН

Фиръавну шариконаш он мардумеро, ки имон оварда буданд ва он мардеро, ки дар маҷлисашон онҳоро ба дини ҳақ даъват намуда буд ҳамроҳи дигар мӯъминон зери азобу шиканҷа гирифтанд. Худованди бузург мӯъминонро аз азобу шиканҷа раҳоӣ бахшид. Ба Ҳазрати Мӯсо (а) илҳом кард, ки аз он сарзамин ҳамроҳи мӯъминҳо баромада аз Миср ба Фаластин раванд, ва давлати Исломиро он ҷо барпо намоянд. Мардуми боимон дар он сарзамин азобу шиканҷаи зиёд кашида буданд, бинобарин Мӯсо (а) касонеро, ки имон оварданд ҷамъ менамояд ва барои халос шудан аз ҳакими золиму кофир бо имони ростин ва ақидаи комил ҳиҷрат менамояд.

## ФИРЪАВН ОНҲОРО ТАЪҚИБ МЕКУНАД

Фиръавн аскаронашро ҷамъ намуда аз қафои мӯъминон равон шуд, ӯ бо тамоми қувваaш ҳаракат мекард, то Мӯсо (а) – ро бо шариконаш дастгир намуда ва ҳамчуноне, ки ваъда дода буд ба қатл расонад. Фиръавн намехост, ки мӯъминон аз чанголаш халос шаванд, бинобарин ба аскаронаш амр мекард, то ҳар чӣ зудтар мӯъминонро дастгир намуда бикӯшанд. Байни мӯъминон ва лашкари Фиръавн масофаи начандон зиёд монда буд, Мӯсо (а) бо қавмаш ба лаби руди Нил расиданд, дигар онҳо на пеш рафта метавонистанд ва на қафо…

## БАҲР ВА ДУШМАН

Дар ҳақиқат мӯъминон дар як вазиъяти хеле мушкил қарор гирифа буданд, аз як тараф баҳр аз тарафи дигар душмани хунхор, агар пеш раванд ҳамаи онҳо ғарқ мешаванд ва агар пас гарданд Фиръавниён онҳоро ба қатл мерасонанд.

## ПАС ЧӢ КОР КУНАНД?

Эй Худванди меҳрубон онҳоро кӯмак намо, то аз ин вазиъяти ногувор раҳоӣёбанд. Онҳо дар кори худ ҳайрон монда аз Мӯсо (а) талаб намуданд, ки аз Худованд дархост намояд, то онҳоро наҷот диҳад. Мӯсо (а) ба онҳо чунинҷавоб дод: Каме мунтазир бошед, саросема нашавед, маро Худованд худаш фармуд, ки тарафи дарьё биёям, ва ӯ моро ёрӣ хоҳад расонд. Лашкариёни Фиръавн ба дарьё наздик мешуданд, дигар чизе намондаст, мӯъминонро саропо тарсу ваҳм фаро гирифта буд.

## НАҶОТ

Раҳмату меҳрубонии бепоёни Худованди таъоло барои мӯъминон мерасад… ӯ зотест, ки Мӯсо (а) – ро дар ширхорагиаш аз кушта шудан наҷот дод, ӯро аз камбағалию марг мераҳонад ва Мӯсо (а) –ро соҳиби молу мулку завҷаи меҳрубон мегардонад, ӯро аз сеҳру ҷодуи ҷодугарони фиръавн раҳоӣ мебахшад… Оё ҳозир Худованд Мӯсо (а) – ро ҳамроҳи мӯъминҳо дар ин сахтӣ наҷот намедиҳад?

Бале, Худованд Мӯсо (а) амр мекунад, ки асоятро ба дарьё бизан. Ҳазрати Мӯсо (а) асояшро ба об меандозад, оби дарьё ду тақсим мешавад ба андозае, ки замин намоён мешавад ва мӯъминҳо бо шарофати ҳамин мӯъҷизаи Иллоҳӣ аз дарьё мегузаранд.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-XIV
## БА СӮИ ДӮЗАХ ЭЙ ФИРЪАВН

**Мӯъминҳо хурсанд буданд ва онро, ки бо чашмони худ дида буданд бовар намекарданд. Локин вақто, ки ба қафояшон нигаристанд диданд, ки Фиръавн бо лашкараш дунболи онҳо аз дарьё мегузаранд боз тарсу ваҳмашон зиёд шуд. Локин барои ҳазрати Мӯсо (а) аз ҷониби парвадигори ҷаҳон супориш омад, ки**

**роҳатонро то охири дарьё идома диҳед, кофирон дар нисфи роҳ ғарқ хоҳанд шуд. Бале ҳамин тавр ҳам шуд. Вақто, ки мӯъминон аз дарьё гузаштанд Фиръавн бо лашкараш дар нимароҳи дарьё буд ва роҳи оби болои онҳо махқам шуд ва Фиръавн бо лашкараш ғарқ шуд. Дар ин ҳол Фиръавн бо тамоми овозаш фарёд мезад: Ба парвардигори олам имон овардам ва бовар кадам. Баъди шунидани чунин ҷавоб ӯ низ дар зери об мемирад: Оё ту вақти мурданат имон меорӣ? Ин туро ҳаргиз фоида надорад.**

## ЧӢ ГУНА МУРД

Фиръавн мурд, локин Худованд имону товбаи ӯро қабул накард, чун, ки вақти он дид, ки мемирад баъд имон овард. Худованди таъоло чандин маротиби Фиръавнро ба воситаи Паёмбараш ҳазрати Мӯсо (а) огоҳ намуда буд, локин ӯ панд нагирифт ва итоат накард. Лашкариёни Фиръавн ҳамаашон ғарқ шуда несту нобуд шуданд. Локин ҷасади Фиръавн рӯи об буд. Мӯъминон бовар намекарданд, ки Фиръавн мурдааст. Мавҷҳо ҷасади Фиръавнро ба соҳил баровароанд ва мӯъминон бо чашми худ диданд, ки Фиръавн ҳаракат намекунад ва ӯ мурдааст.

Худованди таъоло Фиръавн ва лашкарашро ва он чӣ болои онҳо гузашт ибрат барои дигарон гардонид, то дигарон аз саргузашти ӯ, ки худро ҳамчун худо медонист панд бигиранд ва ба ягон чиз фирефта нашаванд. Худованд мефармояд: «Пас имрӯз худатро (ҷасадашро) наҷот медиҳем, то ки бошӣнишона барои касоне, ки баъди шумо ҳастанд».

## ҶОНФИДОӢ МЕБОЯД

Дӯстони азиз, тааҷҷубовар нест, ки Худованди бузург ҳақиқат ва ҳақпарастонро ёрӣ медиҳад. Дар ҳақиқат Худованди таъоло дар мубориза байни ҳаққу ботил қонуне гузоштааст, чи қадаре, ки ҷонибдорони роҳи ботилу нодуруст саркашию бедодгарӣ намуда, дар ҷаҳлу нодонӣ фурӯраванд, бо вуҷуди ин бар мӯъминон ва даъваткунандагони ҳақиқат ва роҳи рост зарур аст собитқадаму пуртоқат бошанд. Бар мӯъминон зарур аст, ки боварии яқин дошта бошанд, ки чи қадаре ҷонфидоияшон дар роҳи ҳақиқат зиёд шавад Худованд ёрию мадади худашро мерасонад.

Ҳамаи паёмбарони Худо ҳангоми даъваташон бо ранҷу заҳмате, ки барои онҳо аз тарафи мушрикон ва бединони саркаш мерасид сабру таҳаммул менамуданд. Моро низ ва тамоми даъваткунандагонро зарур аст, ки баъди имону боварӣ ба Худованди таъоло корҳои хубро анҷом диҳем ва якдигарро васият ва насиҳат ба корҳои нек намоем ва дар муқобили ранҷу машақатҳо ба сабру бурдборӣ даъват намоем.

Ҳамаи ин дар сураи мубораки валаср ёдовар шудааст. Ҳар кас тибқи сураи аср амал намояд фоидаву баракат меёбад ва ҳар ки амал накард зиёну зарари зиёде кардааст. Мо фаҳмидем, ки ботил чӣ қадаре, ки қувват гирад ва ҳар қадаре, ки пайравон ва тарафдоронаш зиёд шавад ва боқувват шаванд ботилӣ ва нодурустиаш мемонад ва дигаргун намешавад.

## ФУРӮД ОМАДАНИ ТАВРОТ

Баъди ин, ки Худованди таъоло Фиръавнро бо лашкараш нобуд сохт ва Мӯсо (а) –ро бо қавмаш наҷот дод. Дар ин ҳол мӯъминон муҳтоҷи шариъате аз ҷониби Худованд буданд, то мувофиқи он зиндагӣ намоянд. Бинобарин Худованди доно барои Мӯсо (а) китобе фиристод, ки номаш Тавром буд. Худованд барои ҳазрати Мӯсо (а) гуфт: «Эй Мӯсо, дар ҳақиқат интихоб намудам туро бар мардум бо пайғамбарӣ ва суханам пас бигӯ он чиро додам барои ту ва бош аз ҷумлаи шукркунандагон».

Паёмбари Худо Парвардигорашро барои неъмати паёғамбарӣ ва китобу вазифаи бузургаш шук намуд. Локин қавми Исроил ба шукру сипоси Иллоҳӣ устувор наистоданд ва пайравӣ аз китоби осмонӣ нашуданд.

## ХУДОРО БАРОЯМОН НИШОН ДЕҲ?!

Боре қавми ҳазрати Мӯсо (а) барои бардавом будани имондориашон дар назди ҳазрати Мӯсо (а) шарт мегузоранд, ки Худоро барояшон нишон диҳад! Ба Мӯсо (а) гуфтанд: Дар ҳақиқат Худо туро дӯст медорад ва ба ту сухан мегӯяд, мехоҳем ӯро ошкор бубинем? «Парвардигор Худатро бароям нишон деҳ, то Туро бубинам».

Локин имкон надорад, ки башар дар ҳамин дунё Худоро бубинад. Инсон тоқати онро надорад, магар бо иҷозати Худованди якто. Аммо

Худованд нахост бандаашро ноумед кунад. Ва ин ба Мӯсо (а) имкон фароҳам омад. Тамоми ҷо ба ларза даромад, кӯҳҳои по бар ҷо меларзиданд ва Мӯсо (а) бехуд шуда ба замин афтид. Вақте ба ҳуш омад тавба намуд ва фаҳмид, ки инсон Худовандро ошкор дар дунё наметавонад бубинад.

## ПАРАСТИШИ ГУСОЛА

Ҳангоме, ки Мӯсо (а) аз қавмаш дур буд ва аз Парвардигори олам ваҳй ва паём мегирифт бо қавмаш ҳодисаи аҷибе руй дод. Яке аз он қавм, ки номаш Сомири буд фикр намуда ва ба мардум чунин гуфт: Мӯсо (а) дигар ҳаргиз ба сӯи шумо бар намегардад ва мо бояд Худои дигаре бигирем. Инро гуфта барои онҳо гусолае сохт, ӯ он гусоларо хеле устокорона сохта буд, ки гоҳ – гоҳ садо медод. Қавми ҳазрати Мӯсо (а) ҳамон гусоларо Худо гуфта парастиш намуданд, магар каме аз онҳо, ки сабр намуданд ва аз парастиши гусола рӯй гардонда ибодати Худованди якторо тарк накарданд.

## ҲОДИСАҲОИ КУФРИ ОНҲО

Вақто, ки Мӯсо (а) ба назди қавмаш бар мегардад мебинад, қавмаш корҳои нодуруст ва роҳи ботилеро пеш гирифтаанд. Сипас ба Сомири рӯй оварда пурсид: Эй Самири ту чи кор кардӣ? Самири ҷавоб дод: Барои мардум гусолаеро сохтам! Баъдан аз қавмаш чунин савол намуд: Шумо чи кор намудед? Онҳо гуфтанд: Гусолаеро, ки Сомири сохт парастиш намудем ва ба гуфтаи Сомири амал кардем. Ҳазрати Мӯсо (а) фаҳмид, ки дар вақти набуданаш бисёртари қавмаш кофир шудааст.

Ин кори тааҷҷубовар ҳам набуд, зеро куфру гумроҳи муддатҳои дароз дар аҳди Фиръавн дилҳои онҳоро сиёҳ карда буд ва онҳо ба ширку залолат одат карда буданд. Пас ҳайратовар нест агар боз ба сӯи куфру ширку гумроҳи тибқи одаташон боз гарданд, ҳол он, ки имону бовариашон мустаҳкаму устувор нашудааст. Ҳамин тавр пеш аз Сомири Фиръавн бо ақлҳои онҳо бозӣ мекард ва онҳоро аз роҳ мезад.

## БА СӮИ ХУДО БАРГАРДЕД

Сипас Мӯсо (а) ба қавмаш рӯ оварда гуфт: Оё аз Худованди таъоло талаби бахшиш наменамоед? Онҳо гуфтанд: Оре, агар Парвардигорамон моро раҳмату мағфират намояд ҳатман зиёнкор хоҳем шуд. Мӯсо (а) ба онҳо гуфт: «Дар ҳақиқат бар нафсҳои худ зулм кардед бо сабаби парастиш намуданатон гусоларо». Қавми Мӯсо (а) гуфтанд: Чи кор кунем? Мӯсо (а) ба онҳо гуфт: Тавба намоед ва ба сӯи Худо баргардед, нафсҳои худро аз ширку куфр пок созед ва ба Худои бузург аз нав имон оред ва аҳду паймон намоед, ки дигар ба ширку гумроҳи барнамегардед.

Оллоҳ таъоло тавбаи онҳоро пазируфт дар ҳақиқат Худованд меҳрубон аст тавбаи ростинро қабул менамояд. Аммо Сомири бошад тавба накард ва бар куфру гумроҳияш мисли Фиръавн боқӣ монд. Гусолаеро, ки Сомири сохта буд ва сабаби гумроҳии мардум шуда буд Мӯсо (а) пора – пора намуда сӯзонд ва хокистарашро дар об партофт.

## ҶАНГ НАМЕКУНАМ

Худованди бузург ба ҳазрати Мӯсо (а) ваҳӣ ва илҳом намуд, ки бо қавмат ба сарзамини Қудс биравед ва дар ҳамон замини муқаддас истиқомат намоед. Вақте Мӯсо (а) қавмашро аз ин супориши Худовандӣ хабар дод ва фармуд, ки бояд дар он сарзамии муқаддас касонеро, ки ба Худованд имон надоранд ва кофир шудаанд хориҷ намоянд ва худашон он ҷо истиқомат ва зиндагӣ намоянд.

Бо шунидани ин амр онҳо саркашӣ намуданд ва гуфтунд: «Эй Мӯсо (а) дар ҳақиқат дар ин ҷо қавми золиме зиндагӣ дорад, мо ҳар гиз ба он сарзамин дохил намешавем, то онҳо набароянд. Агар он қавм аз он сарзамин баромада раванд пас мо дохил мешавем (ин ҷо истиқомат мекунем)».

Онҳо аз амри Худованд саркашӣ карданд бар куфри худ боқӣ монданд ва ба Мӯсо (а) чунин гуфтанд:

«Эй Мӯсо мо ҳаргиз дохили он шаҳр намешавем модоме, ки он қавм дар онҷо ҳастанд. Пас ту бо Худоят бирав ва шумо биҷангед. Мо анна ҳаминҷо мемонем». Худованд онҳоро гирифтори чунин азоб намуд, ки онҳо чил сол дар саҳро овораю саргардон гаштанд, то шояд насли дигаре беҳтар аз онҳо пайдо шавад.

## ҚИССАҲОИ ҚУРЪОНӢ-XV
## ҚИССАИ ГОВ

**Яке аз қиссаҳо ва саргузашти машҳури бани Исроил бо Паёмбарашон қиссаи гов аст. Нафаре писари амакашро барои молу дороияшро аз худ кардан мекушаду каси дигарро ба ин куштор туҳмат мекунад. Барои ҳалли ин мушкилот ва ёфтани кушанда мардум ба назди ҳазрати Мӯсо (а) рафтанд, то ин қазияро ҳал кунад. Ҳазрати Мӯсо (а) хост то номи кушандаро барояш ошкор намояд, то ин кори пинҳон ошкор шавад. Аз ҷониби Парвардигори олам чунин амру супориш омад: «Барои онҳо зарур аст то говеро бикушанд, сипас пораи гушти вайро гирифта ҷисми мурдаро бизананд  ӯ ду бора зинда шуда номи кушандаро хоҳад гуфт.**

## СУХАНҲОИ НОМАФҲУМ

Ин супоришро қавм иҷро накард ва гумон карданд, ки Мӯсо (а) онҳоро масхара мекунад. Бинобарин ин боз пурсиданд, набошад агар ҳар говеро мекуштанд мешуд, локин онҳо дар суол сахтгирӣ карданд ва Худованд бар онҳо сахт гирифт ва сифатҳои говро зиёд намуд. Аз ҷумла: Матлуб гови миёнасол ва ранги зардаш зиёдтар бошад, ки касе мехоҳад тамошояш кунад. Гове бошад, ки уро дар зироаткорӣ ва ҷуфт кардани замин кор нафармуда бошанд, инчунин ягон айбу касал надошта бошад (кур набошад, ягон гӯшаш буридагӣ набошад, шохҳояш шикастагӣ набошад)

Қавми Мӯсо (а) ба кофтуков шурӯъ карданд, локин ёфтани чунин гов бо чунин сифатҳо кори осон набуд. Рӯзҳову моҳҳо мегузаштанд ва он қавм ҳар ҷое, ки имконият доштанд ҷустуҷӯ карданд, локин пайдо накарданд. Билохира меҳнату машақати зиёд гови супоришударо пайдо намуда ва ӯро қурбонӣ намуданд. Ҳақиқат ошкор шуд ва кушандаро низ шинохтанд.

## ҚИССАИ МӮСО (А) БО МАРДИ ПОРСО ВА ПАРҲЕЗКОР

Охирин қииса дӯстони ман аз ҳазрати Мӯсо (а) қиссаи ӯ бо марди порсомебошад. Рӯзе марде аз ҳазрати Мӯсо (а) пурсид: Эй Мӯсо, оё дар рӯи замин аз ту донотар вуҷуд дорад? Мӯсо (а) гуфт: (не вуҷуд надорад). Локин Худованди таъоло Мӯсо (а) – ро фаҳмонид, ки илм ва донои танҳо дар як Паёмбар нест. Касони дигаре ҳастанд, ки аз Мӯсо (а) донотаранд. Мӯсо (а) аз Парвардигор хост, то ҷой ва мақоми ҳамон

марди оммиро барои ӯ нишон диҳад. Худованд барои Мӯсо (а) гуфт: Дар ҳақиқат он марди олим вуҷуд дорад.

Мӯсо (а) амри Худовандро иҷро намуд, бо ҳамроҳии хидмадгораш ба он ҷое, ки Худованд раҳнамояш карда буд, равон шуд. Онҳо барои дар роҳ таом пухтанашон моҳии калонеро гирифта буданд. Дар роҳ ҷое дам гирифтанд, вақте ба роҳ баромаданд моҳиро он ҷо фаромӯш карданд. Чанде роҳ рафтанд Мӯсо (а) эҳсоси гуруснагӣ намуда ба шахсе, ки ҳамроҳаш буд гуфт, моҳиро биёр то чизе пухта бихӯрем. Хидматгораш гуфт, ки моҳиро дарҷое, ки дам гирифта будем фаромӯш кардем. Мӯсо (а) ба ҳамсафараш гуфт: Хости Худо чунин будааст. Биё ба он ҷое, ки моҳиро фаромӯш кардем бармегардем.

Онҳо ба он ҷое, ки моҳиро фаромӯш карда будан ба он ҷо бар гаштанд,локин моҳиро он ҷо наёфтанд, балки мардеро диданд, ки Мӯсо (а) барои азӯ таълим гирифтан омада буд. Инҷо ҳикмати Худованд барои Мӯсо (а) оғоз мешавад. Оё Мӯсо (а) ин ҷо мефаҳмад, ки аз ӯ донотар касе дигар ҳам ҳаст. Ба сӯи мард рафта салом медиҳад ва мегӯяд: Оё иҷоза медиҳед ҳамсафари шумо бошам ва шуморо пайрави намоям, то аз шумо чизе омӯзам? Он мард чунин ҷавоб дод: Бо ман ту сабр карда наметавонӣ, чунки корҳои аҷоиберо мебинӣ, ки ман иҷро мекунам. Ту сирру ҳикмати он корҳоро нафаҳмида ғазаб мекунӣ, зеро барои ту он корҳо аҷоиб менамояд.

Мӯсо (а) гуфт: «Маро иншааллоҳ аз ҷумлаи собирон хоҳӣ ёфт ва супоришҳои туро сарпечи нахоҳам кард». Он мард гуфт: Агар мехоҳӣ, ки бо ман биравӣ пас аз ман чизеро напурс, то худам сухан нагӯям. Ин шартро Мӯсо (а) қабул намуд ва бо он мард дар кишти савор шуд. Дар аснои сафар тахтачаи хурдеро аз он кишти шикаста ва об ба дохили кишти даромад, ин кори ӯро ҷуз Мӯсо (а) касе надид. Аз ин кори ӯ Мӯсо (а) дар ғазаб шуда гуфт:

Ин мардум ба ту чӣ бадӣ карданд, ки мехоҳӣ онҳо ғарқ шаванд? Мардуми дар кишти буда, одамони хуб ҳастанд ва ба мо бадие накардаанд? Дар ин ҳол марди олим ба Мӯсо (а) гуфт: «Оё нагуфтам: Дар ҳақиқат бо ман сабр кардан наметавонӣ?». Мӯсо (а) афсӯс хурда арзи пушаймонӣ намуда гуфт: Узр мехоҳам фаромӯш намудам дигар хомӯш мемонам ва сабр менамоям. Ба соҳил расиданд ва аз кишти фаромаданд.

Дар он ҷо бошад бачаи хурдеро диданд, он мард назди писарбача рафт ваӯро кушт. Мӯсо (а) фарёд намуд: Оё тифли бегуноҳеро мекушӣ? Дар ин ҳол он мард бори дигар шарти кардаашро ба хотири

Мӯсо (а) оварда гуфт: Оё барои ту нагуфтам: Дар ҳақиқат бо ман сабр карда наметавонӣ? Мӯсо (а) шарм дошта гуфт: «Агар баъди ин аз ту чизеро бипурсам маро ҳамроҳ нагир».

Баъди чанде ба қишлоқе даромаданд, ки онҷо гуруснагӣ буд. Аз аҳли он таому хурдание талаб намуданд, аммо онҳо чизе ба онҳо надоданд ва гурусна аз он қишлоқ баромаданд. Пеш аз он ки аз қишлоқ бароянд, девореро дидан наздики чаппа шудан буд, он мард он ҷо истида он деворри вайронаро бе аҷру бе музд барои онҳо таъмир намудед, хуб мешуд агар аз онҳо музде мегирифтем ва ба он пул таъом ё хурдание мехаридем?!

Суханони Мӯсо (а) – ро он мард гӯш намуда гуфт:

«Ин ҷудогӣ байни ман вабайни туст, ва ҳозир туро ба таъвил ва маънои чизҳое, ки бар онҳо сабркарда натавонистӣ огоҳ менамоям». Он марди олим шурӯъ ба фаҳмонидани Мӯсо (а) кард:

**Якум:** Киштиеро, ки мо савор шудем азони камбағалон буд, ки он ҷоподшоҳи золиме буд, ҳар киштии  хубро, ки медид он киштиро ба зӯрӣ азсоҳибошан зада мегирифтанд. Ман як тахтаи онро шикастам, то он киштиро ҳамон подшоҳи золим аз дасти мардуми камбағал нагирад.

**Дуввум:** Он писарбачаеро, ки ман куштам, сабабаш дар он буд, ки ӯ фитна барои падару модараш мешуд. Парвардигори олам хост барои онҳо дар бадали ӯ фарзанди хубе ато намояд.

**Саввум:** Аммо девореро, ки таъмир намудам то мустаҳкам шавад, ӯ аз ду ятиме буд, ки дар зери он девор хазинаи онҳо пинҳон карда шуда буд. Агар девор чаппа мешуд моли он ду ятим талаф мешуд. Он девори харобгаштаро соз намудам то, ки он ду тифл калон шаванд ва хазинаашонро ба дасти худ аз зери девор бигиранд. Ҳамаи ин коҳоро ман аз пеши худ ва бо хоҳиши худ накадаам, балки амру супориши Худованди таъолоро иҷро намудам.

Дар ин ҳол Мӯсо (а) хости Худовандро аз сафараш фаҳмид, аз сафарикардааш фоидаҳои зиёде гирифт. Фаҳмид, ки илми Худованд бе канор аст, ҳамаи онро мардум дарк карда наметавононд. Дар ҳақиқат агар инсон ба дараҷаи бузурги илмӣ расад, боз бисьёри чизҳоро дарк намекунад ва намедонад.

**ИДОМА ДОРАД!**